# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

## Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ҷоринамоии марҳилавии рамзгузории электронии молҳо барои намудҳои зерини молҳо таъмин карда шавад:

- то 1 июли соли 2024 барои тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ;

- то 1 июли соли 2024 барои ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нчшокиҳои энергетикӣ;

- то 1 январи соли 2025 барои воситаи доруӣ ва молҳои тиббӣ;

- то 1 январи соли 2026 барои оби нӯшокӣ ва нӯшокиҳои хунуккунанда;

- то 1 январи соли 2027 барои техникаи маишӣ.

3. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи дастурамалҳо оид ба хусусияти рамзгузории электронии молҳои зеринро ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд:

- то 31 декабри соли 2024 барои воситаҳои доруӣ ва молҳои тиббӣ;

- то 31 декабри соли 2025 барои обҳо ва нӯшокиҳои хунуккунанда;

- то 31 декабри соли 2026 барои техникаи маишӣ.

4. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҷоринамоии марҳилавии рамзгузории электронии молҳо оператор оид ба пайгирнамоии муомилоти молро то 1 сентябри соли 2024 муайян намояд. Ба сифати оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти мол метавонад субъекти хоҷагидоре баромад намояд, ки ба он функсияи оператори маълумоти фискалӣ дода шудааст.

5. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатии ваколатдор оид ба рамзгузории электронӣ ва назорати фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо муайян карда шаванд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 12 июни соли 2023, № 263

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 12 июни соли 2023, № 263

тасдиқ шудааст

# Тартиби рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо (минбаъд **Тартиб**) қоидаҳои рамзгузории электронии молҳоро, аз ҷумла молҳои зераксизиро тавассути мушаххаснамоии рақамӣ, пайгирӣ ва амалинамоии назорати муомилоти молҳои рамзгузоришуда, инчунин қоидаҳои ташаккул ва ҷоринамоии рамзгузории электронӣ ба мол ва тартиби аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти молҳо пешниҳод намудани иттилооте, ки барои вориднамоӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо заруранд, муайян менамоянд. Хусусиятҳои рамзгузории электронии молҳои алоҳида дар дастурамалҳои ба Тартиби мазкур замимашуда пешбинӣ карда мешаванд.

2. Амали Тартиби мазкур паҳн намегардад:

- ба намунаҳои молҳо ба миқдори зарурӣ ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқол, ки барои гузаронидани озмоиш бо мақсади арзёбии мутобиқат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар самти танзимнамоии техникӣ таъин шудаанд;

- ба молҳои ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилкунандагон ва иштирокдорони намоишгоҳҳои байналмилалӣ ва ярмаркаҳо ба сифати намунаҳо ва нигораҳо, намунаҳои рекламавӣ ва маркетингӣ воридшаванда ва барои фурӯш таъиннашуда;

- ба молҳои таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, аз ҷумла молҳое, ки бо транзит ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд ва дар нигоҳдории муваққатӣ қарор доранд ва ё таҳти расмиёти гумрукии "нигоҳдории муваққатӣ" нигоҳ дошта мешаванд, ба истисноии молҳое, ки барои азнавсодиротнамоӣ таъин шудаанд;

- ба молҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки техникии байналмилалӣ ва ройгон (башардчстона)-и хориҷӣ ба ҳисоб мераванд;

- ба молҳо ҳангоми фурӯши онҳо дар мағозаҳои савдои бебоҷ;

- ба молҳо ҳангоми нигоҳдории онҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ин молҳо бе баровардан ба муомилот;

- ба молҳое, ки гирифта шудаанд, ҳабс шудаанд, мусодира шудаанд ва ба даромади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ягон усули дигар табдил дода шудаанд ва молҳое, ки онҳо ба ҳисоби ухдадориҳои иҷронашуда, ки бо қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳангоми бадасторӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯши онҳо, инчунин ба молҳое, ки ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқоли онҳо мавриди нобудшавӣ қарор мегиранд;

- ба молҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи меъёри вориднамоии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷумҳурӣ ворид карда шудаанд, ки аз онҳо боҷи гумрукӣ ситонида намешаванд;

- ба молҳое, ки барои истифодаи расмӣ аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ, намояндагиҳои онҳо, инчунин намояндагиҳои давлатҳо дар назди онҳо ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи онҳо таъин шудаанд;

- ба молҳое, ки барои содирот аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд;

- намунаҳои молҳое, ки барои санҷиш ва апробатсия таъин шудаанд ва барои фурӯш таъин нашудаанд;

- молҳое, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби иштирокдорони муомилоти мол ворид карда шудаанд, дар ҳолате, ки агар иштирокдори муомилоти мол дар доираи шартномаи комиссия бо супориши истеҳсолкунандаи хориҷӣ бо мақсадҳои иҷрои созишномаҳои сарпарастӣ байни истеҳсолкунандаи хориҷӣ ва шахси ҳуқуқӣ амал намояд ва барои фурӯш таъин нашудааст;

- молҳои баркашидашуда ҳангоми фурӯши чакана (молҳо дар бастабанд, ки онҳо дар ғоибии харидор бастабанд мешаванда ва мухр зада мешаванд, дар баробари ин, таркиби бастабанд наметавонад бе кушодани он ё зарарбинӣ иваз карда шавад, дар бастабанди молҳо вазн, ҳаҷм, дарозӣ, масоҳат ё дигар бузургиҳо, ки миқдори дар бастабанд мавҷудбудаи молро ифода мекунанд, ишора карда мешавад).

3. Ба муомилот ҷорӣ намудани молҳо бе нишон додани рамзгузории электронӣ ба онҳо ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо супоридани маълумот оид ба рамзгузории молҳо тавассути

мушаххаснамоии рақамӣ, инчунин муомилот ва аз муомилот баровардани молҳое, ки бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузорӣ нашудаанд, то санаи бо хусусияти рамзгузории воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ барои гурӯҳи дахлдори молӣ муқаррааргардида иҷозат дода мешавад.

4. Дар Тартиби мазкур ихтисорот ва мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

1) **муттаҳиднамоӣ** - раванди муттаҳиднамоии молҳо ба бастаи истеъмолӣ, ба бастаҳои гурӯҳӣ ва ё ба бастаи интиқолии сатҳи якум, инчунин бастаҳои интиқолии сатҳи якум ба сатҳҳои минбаъда бо гузоштани рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳи таъсисдодашаванда ва ё бастаи интиқолӣ, ки маълумотро оид ба алоқаи мутақобилаи рамзҳои мушаххаснамоии ҳар як бастаи истеъмолии замимашуда, бастаи гурӯҳии бастаи интиқолӣ бо рамзи мушаххаси бастаи гурӯҳи таъсисдодашаванда ва бастаи интиқолӣ дар бар мегирад;

2) **рамзи гумрукии муттаҳидшуда** - пайдарҳамии беназирии рамзҳо барои ҳар як маҷмуи молҳои алоҳида мебошад, ки иттиҳоди рамзҳо мушаххаснамоии ҳар як молро, аз ҷумла рамзҳои мушаххаснамоии баста, ки молҳоро дар раванди муттаҳиднамоӣ якҷоя менамояд, дар бар мегирад, ки он аз ҷониби оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти молҳо барои мақсадҳои мушаххаснамоии молҳо мутобиқи Тартиби мазкур ташаккул меёбад ва аз ҷониби иштиродори муомилоти молҳо ҳангоми эъломиякунонии гумрукии молҳо истифода мешавад;

3) **вориднамоии мол ба муомилот** - ҳангоми истеҳсоли мол:

- **дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон** - супориши аввалияи музднок ё ройгони мол аз истеҳсолкунанда ба соҳибмулки нав ва ё ба шахси дигар бо мақсадҳои бегонанамоии он ба чунин шахс ё барои фурӯши минбаъда, ки онро барои паҳннамоӣ ва ё истифоданамоӣ дастрас менамояд;

- **берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон** - аз ҷониби мақомоти гумрук барои муомилоти озод иҷозат додани моли ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда;

4) **бо мақсадҳои рамзгузорӣ инҳо низ ҳамчун ба муомилот ҷорӣ намудан вориднамоии мол ба муомилот эътироф карда мешаванд**:

- аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба таври музднок ва ройгон супоридани моле, ки аз тарафи онҳо пештар бо мақсадҳои ба фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда ба даст оварда шудааст;

- ба соҳибмулки нав тибқи тартиби муқаррарнамуда ҳангоми фурӯши молҳои барои иҷрои ҳалномаҳои судӣ ё санади мақомот ҳасбшуда, ки ба он ҳуқуқи қабули қарор оид ба равона намудани ситониш ба моликият, фурӯши моликияти мусодирашуда, моликияти манқули бесоҳиби мусодирашуда ва моликияти дигари ба моликияти давлат мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон табдилдодашуда дода шудааст, ба таври музднок ва ройгон супоридани моле, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба даст оварда шудааст;

- аз ҷониби комиссионер дар доираи шартномаҳои комиссия фурӯши молҳои аз шахсони воқеӣ ба даст овардашуда, ки соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб намераванд;

5) **аз муомилот баровардани мол** - фурӯши моли рамзгузоришуда ба шахси воқеӣ барои истифодаи шахсӣ, мусодира, нобуднамоӣ, талафоти бебозгашт, бозхонди мол, фурӯш ва хариди моли қаблан дар муомилот дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта, истифода барои эҳтиёҷоти шахсӣ, инчунин амалҳои дигаре, ки қатъгардии муомилоти минбаъдаи молро пешбинӣ менамояд;

6) **бастаи гурӯҳӣ** - аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ташаккул додани маҷмуи молҳое, ки ба плёнкаи полимерӣ ё коғаз печонида шудааст ё бо лентаи коғазӣ пӯшонида шудааст, ки рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳиро дорад ва бо имконияти тақсимнамоӣ мавриди фурӯш қарор мегирад;

7) **воридкунанда** - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки вориднамоии молҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фурӯши молҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

8) **рақами силсилавии инфиродӣ** - пайдарҳамии рамзҳо, ки воҳиди молҳо ё интихоби молҳо ва ё маҷмуи молҳо ва ё бастаи гурӯҳиро дар асоси рамзи мол ба таври беназир мушаххас менамояд;

9) **интерфейси ҳамкории мутақобилаи электронӣ** - маҷмуи воситаҳо ва қоидаҳо, ки ҳамкории мутақобилаи воситаҳои барномавӣдастгоҳии иштирокдорони муомилоти молҳо ва низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳорро таъмин менамояд;

10) **низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо** - низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки барои пешниҳоди рамзҳои рамзгузорӣ, нигоҳдории маълумот оид ба молҳои аз рамзгузории электронӣ гузашта, ки маълумотро оид ба молҳои аз муомилот баровардашуда муттаҳид менамояд;

11) **рамзи рамзгузорӣ** - пайдарҳамии беназири рамзҳо, ки аз ҷониби оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти молҳо ташаккул дода мешавад ва аз рамзи мушаххасанамоии мол ва ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ва ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо, рамзи мушаххаснамоии бастабанди интиқолӣ ва рамзи санҷиш иборат аст;

12) **рамзи мушаххаснамоӣ** - пайдарҳамии рамзҳо, ки рақами беназири нусхаи молҳоро ба вуҷуд меорад;

13) **рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо** - пайдарҳамии рамзҳо, ки рақами беназири нусхаи маҷмуи молҳоро ба вуҷуд меорад, ки он барои мақсадҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо мутобиқи Тартиби мазкур ташаккул дода мешавад;

14) **рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо** - пайдарҳамии рамзҳо, ки рақами беназири нусхаи ҷамъи молҳоро ба вуҷуд меорад, ки он барои мақсадҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо мутобиқи Тартиби мазкур ташаккул дода мешавад;

15) **рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ** - пайдарҳамии рамзҳо, ки рақами беназири нусхаи бастаи интиқолиро ба вуҷуд меорад, ки он мутобиқи Тартиби мазкур ташаккул дода мешавад;

16) **рамзи санҷиш** - пайдарҳамии рамзҳо, ки аз ҷониби оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти молҳо бо низоми рамзи мушаххаснамоии хабар (имитовставка) дар асоси рамзи мушаххаснамоӣ ташаккул дода шудааст ва ба ошкорнамоии қалбакӣ будани рамзи мушаххаснамоӣ ҳангоми санҷиши он бо истифода аз ҷамъоварандаи фискалӣ ва ё воситаҳои техникии санҷиши рамзи санҷиш имконият медиҳад;

17) **рамзи мол** - рамзи беназир, ки ба гурӯҳи молҳо ҳангоми тавзеҳоти онҳо дар манбаи иттилоотӣ дода мешавад, ки он баҳисобгирӣ ва нигоҳдории маълумоти дурустро оид ба молҳо тибқи номгӯйи молҳои дахлдор таъмин менамояд;

18) **маҷмуи молҳо** - маҷмуи молҳои аз ҷониби иштирокдори муомилоти мол ташаккулёфта, ки молеро дар бар мегирад, ки он бо бастаи умумии истеъмолии муттаҳид карда шудааст ва бо мақсади фурӯш тақсим карда намешавад ва рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳоро дар бар мегирад;

19) **истеҳсолоти қарордодӣ** - истеҳсоли молҳо аз ҷониби истеҳсолкунандаи бегона дар асоси шартнома бо иштирокдори муомилоти молҳое, ки вориднамоии молро ба муомилот бо истифода аз тамғаи молии иштирокдори муомилот амалӣ менамояд;

20) **утоқи шахсӣ** - утоқи шахсии иштирокдори муомилоти мол, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо шартҳои ба Тартиби мазкур пешбинишуда ҷойгир карда шудааст ва он аз ҷониби оператор оид ба пайгиринамоии муомилоти молҳо, иштирокдори муомилоти молҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ истифода мешавад;

21) **моли тамғагузоришуда** - моле, ки ба он воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо риояи талаботи Тартиби мазкур гузошта шудааст ва маълумоти дуруст дар бораи он (аз ҷумла маълумот оид ба гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба он) дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта мешавад;

22) **рамзгузорӣ** - ба мол ё ба бастаи он гузоштан ва ё ягон ҳомили моддии дигар барои гузоштани чунин воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ мутобиқи Тартиби мазкур;

23) **ҷамъи молҳо** - маҷмуи молҳои аз ҷониби иштирокдорони муомилоти мол ташаккулёфта, ки бо бастаи умумии истеъмолӣ муттаҳид карда шуда, рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳоро доро мебошанд ва мавриди фурӯш бо имконияти тақсимнамоӣ қарор мегирад;

24) **муомилоти молҳо** - ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, ба даст овардан ва супоридани молҳо, аз ҷумла бадасторӣ ва фурӯши он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

25) **оператор оид ба пайгирии муомилоти мол** (минбаъд - **Оператор**) - шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, истифоданамоӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳоро тибқи замимаи 1 Тартиби мазкур амалӣ менамояд;

26) **оператори роуминг** - шахси ҳуқуқӣ, ки нигоҳдории марказонидашуда, интиқоли байни операторон ва бурдани баҳисобгирии ҳисобнома-фактураҳои электрониро амалӣ менамояд;

27) **оператори маълумоти фискалӣ** - субъекти хоҷагидорӣ, новобаста ба шакли моликияти ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар асоси созишнома ва ҳуҷҷатҳои супоришии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он функсияи Оператори маълумоти фискалӣ дода шудааст;

28) **бақияи молҳо** - молҳое, ки нисбати онҳо қарор дар бораи ҷоринамоии рамзгузории ҳатмии электронӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қабул шудааст ва дар санаи ҷоринамоии чунин рамзгузории ҳатмӣ дар соҳибӣ, ё истифода ва ё ихтиёрдории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки истеҳсол ё муомилоти чунин молҳоро амалӣ менамоянд, қарор дорад;

29) **азнаврамзгузорӣ** - гузориши такрории воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ё тахтахат мутобиқи Тартиби мазкур бо сабаби гумнамоӣ ё вайроннамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамии каблан гузошташуда, бе гирифтани молҳо аз муомилот;

30) **рӯйхат (каталог)-и молҳо** - зернизоми низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки барои барӯйхатгирӣ ва нигоҳдории маълумот оид ба молҳои рамзгузоришуда истифода мешавад;

31) **бастаи истеъмолӣ** - бастаи якумдараҷа (бастае, ки бевосита бо мол дар тамос аст) ё маҷмуи бастаи якумдараҷа ва бастаи дуюмдараҷа (бастае, ки дар он мол дар бастаи якумдараҷа ҷойгир мешавад, вале бастаи гурӯҳӣ ё интиқолии мол ба ҳисоб намеравад), ки ба истеъмолкунанда бо мол ворид мегардад ва функсияи бастаи гурӯҳӣ ё интиқолиро иҷро наменамояд;

32) **истеҳсолкунанда** - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки резиденти андозсупорандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол ва фурӯши молро амалӣ менамоянд;

33) **қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо** - амале, ки ба бақайдгирӣ дар Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо равона шуда, розигии иштирокдорони муомилоти молро бо

шартҳои истифоданамоии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки Тартиби мазкур пешбинӣ намудааст ва ҳамроҳшавиро ба шартномаи оммавии Оператор оид ба пешниҳоди хизматрасонии бо рамзгузории электронии молҳо вобастабуда ифода менамояд;

34) **воситаи мушаххаснамоии рақамӣ** - рамзи рамзгузорӣ дар шакли хониши дастгоҳӣ, ки дар намуди рамзи шохиси дученака пешниҳод шуда, мутобиқи Тартиби мазкур барои ба мол, бастаи мол ё дигар ҳомили моддӣ гузоштан ташаккул ёфтааст;

35) **бастаи интиқолӣ** - бастае, ки дар раванди муттаҳиднамоии мол ба бастаи истеъмолӣ ё бастаи гурӯҳӣ муттаҳид шуда, барои нигоҳдорӣ ва интиқоли мол бо мақсади ҳимояи он аз зарарбинӣ ҳангоми интиқол истифода мешавад ва воҳиди интиқолии мустақил (аз ҷумла бастаи интиқолии дараҷа якум, инчунин бастаи интиқолии сатҳои минбаъда)-ро ташаккул медиҳад;

36) **иштирокдорони муомилоти молҳо** - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки резиденти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, молро ба муомилот медароранд, муомилот менамоянд ва аз муомилот мебароранд, ба истиснои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки молро барои истифода бо мақсадҳои фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда ба даст меоранд, инчунин онҳое, ки хизматрасониро дар доираи шартномаҳои комиссия ва ё хизматрасониҳои почтавӣ оид ба расонидани мол ҳангоми фурӯши он аз рӯйи намунаҳо ё усулҳои фосилавии фурӯш ё хизматрасониҳои бо он вобастабуда, аз ҷумла хизматрасониҳои логистикӣ, хизматрасониҳои ташкилнамоии биржаҳо ва тиҷорати электронӣ, омоданамоии пешазфурӯши мол, ҷамъоварӣ ва бастабандӣ, ташкили расонидани мол ба истифодабарандагони ниҳоӣ аз номи фурӯшанда бо якҷо қабул намудани воситаҳои пулӣ барои моли додашуда ва пардохти амалишуда амалӣ менамоянд;

37) **стикер** - тахтахати иловагӣ (тамға-коғаз), ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо усуле, ки дуршавии онро аз баста безарарбинии он иҷозат намедиҳад, ба бастаи истеъмолӣ ё бастаи гурӯҳӣ часпонида мешавад, ки ба он гузоштани воситаи мушаххаснамоии рақамӣ бо дигар усул ғайриимкон мебошад;

38) **тахтахат** - ҳомили иттилоот, ки ба он маълумот оид ба мол дар шакли навиштаҷот, расмҳо, аломатҳо, рамзҳо, нишонаҳои дигар ё услуби онҳо гузошта мешавад ва он ба баста, аз ҷумла бо роҳи часпонидан, ҷойгир карда мешавад;

39) **имзои рақамии электронӣ** - имзо дар ҳуҷҷати электронӣ, ки дар натиҷаи азнавтабдилдиҳии махсуси маълумоти ҳуҷҷати электронии мазкур бо истифодаи калиди пӯшидаи имзои рақамии электронӣ ба даст оварда шудааст ва имконият медиҳад, ки бо ёрии калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ мавҷуд набудани тахрифи маълумот дар ҳуҷҷати электронӣ муқаррар карда шавад ва соҳиби калиди имзои электронии рақамӣ мушаххас карда шавад;

40) **ҳуҷҷати электронӣ** - маълумоте, ки дар шакли электронӣ сабт шуда, дорои унсурҳои ҳуҷҷати электронӣ мебошад, ки имконияти мушаххаснамоии онро медиҳад ва ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ" ҷавобгӯ мебошад;

41) **ҳисобнома-фактураи электронӣ** - ҳуҷҷати электронӣ, ки фурӯш ва бадастории молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)-и тавассути операторони низоми муомилоти электронии ҳисобнома-фактураҳо пешниҳод ва ба дастовардашавандаро тасдиқ менамоянд, ки дар шакли муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла ҳисобнома-фактураи иловагӣ ва ҳисобнома-фактураиислоҳшуда) ба расмият даровaрда мешавад.

## БОБИ 2. УҲДАДОРИИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО ВА ОПЕРАТОР ҲАНГОМИ ПАЙВАСТШАВИИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО БА НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

5. Иштирокдори муомилоти молҳо аз ҳисоби истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони молҳо мутобиқи Тартиби мазкур:

- қайди худро дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар муҳлати давраи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рамзгузории электронии молҳо барои гурӯҳи моли дахлдор, инчунин пас аз чунин давра дар муҳлати 7 рӯзи тақвимӣ аз санаи сар задани зарурати амалинамоии фаъолият аз ҷониби иштирокдори муомилоти мол вобаста ба муомилот даровардан ва ё муомилот ва ё аз муомилот баровардани молҳо амалӣ менамояд;

- ба муҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо омодагии воситаҳои дастгоҳи барномавии худро, ки ба талаботи техникии Оператор ҷавобгӯ мебошанд, барои ҳамкории иттилоотӣ бо низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо таъмин менамояд ва ба Оператор дархостро барои гузаштани санҷиши ҳамкории мутақобилаи иттилоотӣ мефиристонад;

- санҷиши ҳамкории мутақобилаи иттилоотии воситаҳои дастгоҳи барномавии худ ва низоми иттилоотии рамзгузориии электиронии молҳоро мутобиқи тартиби дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгиршуда, нисбати раванди рамзгузории молҳо, ба муомилот даровардан, муомилот намудан ва аз муомилот баровардани молҳо, ба муҳлати на дертар аз 60 рӯзи тақвимӣ аз санаи омодагии воситаҳои дастгоҳи барномавии шахсии худ ба ҳамкории мутақобилаи иттилоотӣ бо низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо тибқи Тартиби мазкур мегузаронад;

- пас аз амалинамоии амалҳои дар банди мазкур пешбинишуда ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба рамзгузории молҳо, инчунин оид ба муомилот даровардан, муомилот ва аз муомилот баровардани молҳо мутобиқи Тартиби мазкур пешниҳод менамояд.

6. Иштирокдорони дигари муомилоти молҳо амалҳои дар банди 5 Тартиб мазкур пешбинишударо дар муҳлатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти барои гурӯҳи молии дахлдор муқарраршуда амалӣ менамоянд.

7. Оператор бо мақсадҳои ҷоринамоии рамзгузории электронии молҳо бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ таъмин менамояд:

- ташкили санҷиши ҳамкории мутақобилаи иттилоотии воситаҳои дастгоҳи барномавии иштирокдорони муомилоти молҳо ва низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба муҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи ба даст овардани огоҳинома оид ба омодагӣ ба ҳамкории мутақобила бо низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз иштирокдори муомилоти молҳо;

- ба иштирокдорони муомилоти молҳо, ки рамзгузории электронии молҳоро бо воситаи мушаххаснамоии рақамӣ амалӣ менамоянд, пешниҳод намудани рамзи рамзгузориҳои барои ташаккули воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ зарурӣ, ба шарти ба Оператор пешниҳод намудани ҳамаи маълумоти бо Тартиби мазкур пешбинишуда аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТИИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО БО НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

8. Пешниҳоди маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо бо истифода аз протоколҳои стандартии додани маълумот ва интерфейсҳои ҳамкории мутақобилаи электронӣ, ки аз ҷониби Оператор таҳия шудааст, бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ (ариза, огоҳинома, расид ва ғайра) амалӣ карда мешавад, ки шакли онҳо аз ҷониби оператор муайян карда мешавад ва дар сомонаи расмии оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

9. Аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳоди намудани маълумот оид ба бастаи гурӯҳӣ ё бастаи интиқолӣ ё ҷамъи молҳо ё маҷмуи молҳои баробарарзиш ба пешниҳоди маълумот оид ба бастаи истеъмолӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мебошад, ки тибқи маълумоти аз низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба даст овардашуда дар чунин бастаи гурӯҳӣ ё бастаи интиқолӣ ё ҷамъи молҳо ё маҷмуи молҳо мутобиқан нигоҳ дошта мешавад.

10. Аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳод намудани маълумот оид ба рамзи муттаҳидшудаи гумрукӣ ба пешниҳоди намудани маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо оид ба бастаҳои истеъмолӣ баробар карда мешавад, ки тибқи маълумоти низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо он дар чунин рамзи муттаҳидашудаи гумрукӣ нигоҳ дошта мешавад.

11. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристодашавандаи ба талаботи Тартиби мазкур мутобиқ мавриди инъикос дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо қарор дода мешаванд.

12. Иштирокдори муомилоти молҳо дар хусуси ба даст овардани ҳуҷҷатҳои аз ҷониби низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳодшуда ё ба он ворид намудани тағйирот ё аз ҷониби низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо рад намудани қабули ҳуҷҷатҳо ё ба он ворид намудани тағйирот бо роҳи фиристодани огоҳинома (расид), ки маълумоти зеринро дар бар мегирад, огоҳонида мешавад:

- рақами бақайдгирии ҳуҷҷати иштирокдори муомилоти молҳо;

- рақами огоҳинома (расид);

- санаи огоҳинамоӣ (расид);

- рамзҳои мушаххаснамоии мол ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳи ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидаи гумрукӣ;

- хабар оид ба вориднамоии ҳуҷҷатҳо (маълумот) ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ё сабаби раднамоии вориднамоии онҳо.

13. Огоҳинома (расид), ки дар банди 12 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст, ба иштирокдори муомилоти молҳо бо истифода аз интерфейсҳои ҳамкориҳои мутақобилаи электронӣ тавассути утоқи шахсӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ё тавассути почтаи электронӣ дар муҳлати 1 рӯзи тақвимӣ аз санаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ё аз ҷониби он вориднамоии маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристода мешавад, ки онҳо дар Тартиби мазкур барои ҳар як ҳолатҳои мушшахас татбиқшаванда пешбинӣ шудааст.

14. Санаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои электронӣ ё ба онҳо ворид намудани тағйирот дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо санае ба ҳисоб меравад, ки дар огоҳинома (расид) оид ба қабули ҳуҷҷатҳо

(маълумот) дарҷ гардидааст. Далели иҷрои ухдадориҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо бо огоҳинома (расид) оид ба вориднамоии тағйирот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо тасдиқ карда мешавад. Огоҳиномаҳо (расидҳо)-и дарҷгардида ба таври худкор дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ташаккул меёбад ва ба иштирокдори муомилоти молҳо тавассути низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми ҷойгирнамоии ҳуҷҷатҳо (маълумот)-и додашуда дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристода мешавад.

15. Агар бо Тартиби мазкур муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад, Оператор ҷойгирнамоии ҳуҷҷатҳо ва маълумоти аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо пешниҳодшударо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар мухлати 1 рӯзи тақвимӣ аз санаи ба даст овардани чунин ҳуҷҷатҳо ва маълумот бо ҳатман пешниҳод намудани огоҳинома (расид) оид ба вориднамоии тағйирот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳои арзкунанда, инчунин ба иштирокдори дигари муомилоти молҳо, ки аз арзкунанда молро гирифтааст ё ба арзкунанда молро додааст, таъмин менамояд, агар вориднамоии чунин тағйирот ба манфиати онҳо дахл дошта бошад.

16. Масъулиятро барои пуррагӣ, дурустӣ ва саривақтии маълумоти ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристодашаванда иштирокдорони муомолоти молҳо ба зимма мегиранд.

## БОБИ 4. БАҚАЙДГИРИИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

17. Бо мақсади бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, иштирокдорони муомилоти молҳо бо оператор шартномаро оид ба пайвастнамоӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мебанданд, ки шакли он аз ҷониби Оператор муқаррар карда мешавад ва дар сомонаи расмии оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

18. Бақайдгирии иштирокдорони муомилоти молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби оператор ва ба онҳо пешниҳод намудани дастрасӣ ба утоқи корӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби Оператор дар асоси маълумоти аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо дар шакли электронӣ пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад.

19. Барои амалинамоии бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иштирокдорони муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аризаро оид ба бақайдгирӣ, ки бо имзои электронии роҳбари шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба имзо расонида шудааст мефиристонанд, ки он маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номгуйи иштирокдори муомилоти молҳо, ки шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад ё насб, ном, номи падари (дар ҳолати будан) иштирокдори муомилоти молҳо, ки соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб меравад;

- навъи иштирокдори муомилоти молҳо (истеҳсолкунанда, ташкилоти савдои яклухт ё чакана, воридкунанда);

- маҳалли ҷойгиршавии иштирокдори муомилоти молҳо, ки шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад ё маҳалли истиқомати иштирокдори муомилоти молҳо, ки соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб меравад;

- рақами мушаххаснамоии андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо;

- насаб, ном, номи падар (дар ҳолати будан), телефон ва суроғаи почтаи электронии шахси тамоси иштирокдори муомилоти молҳо;

- насаб, ном, насаби (дар ҳолати будан) шахсе, ки ҳуқуқи бевакoлат амал намудан аз номи иштирокдори муомилоти молҳоро дорад;

- телефон ва суроғаи почтаи электронии иштирокдори муомилоти молҳо, ки ба он огоҳинома аз низоми иттилоотии рамзгузорӣ фиристода мешавад;

- маълумоти дахлдори дигар, ки аз ҷониби Оператор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи андоз муайян мешавад ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

20. Коркард ва санҷиши ариза оид ба бақайдгирӣ, инчунин огоҳинамоии арзкунанда оид ба натиҷаҳои чунин санҷиш аз ҷониби Оператор дар мухлати 5 рӯзи корӣ аз рӯйи пешниҳоди чунин ариза амалӣ карда мешавад.

21. Дар ҳолати натиҷаи мусбати санҷиши ариза оид ба бақайдгирӣ, Оператор дар мухлати дар банди 20 Тартиби мазкур пешбинишуда бақайдигирии иштирокдори муомилоти молҳоро дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ менамояд ва ба вай дастрасиро ба утоқи шахсӣ пешниҳод менамояд ва ба суроғаи почтаи электронӣ, ки дар ариза оид ба бақайдгирӣ нишон дода шудааст, огоҳиномаро оид ба бақайдгирӣ мефиристонад. Истифодаи ҳамон як суроғаи почтаи электронӣ барои бақайдгирии иштирокдорони гуногуни муомилоти молҳо манъ аст.

22. Иштирокдори муомилоти молҳо (ё шахси ваколатдор) дар утоқи шахсии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо истифода аз имзои электронии рақамӣ худро ба расмият медарорад.

23. Дар ҳолати ивазгардии маълумоти аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ҳангоми бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мутобиқи банди 19 Тартиби мазкур нишондодашуда, иштирокдори муомилоти молҳо дар мухлати 3 рӯзи корӣ аз санаи ивазнамоии маълумоти дахлдор ба

Оператор дархостро барои иваззнамоии маълумот мефиристонад, ки шакли он аз ҷониби Оператор тасдиқ мешавад ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет бо истифода аз воситаҳои барномавии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла утоқи шахсӣ, ҷойгир карда мешавад.

24. Оператор ба муҳлати на бештар аз 5 рӯзи корӣ аз санаи пешниҳод оид ба тағйироти маълумот аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо, санҷиши маълумоти тағйирёбанда ва тағйири онҳоро дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ менамояд, ба иштирокдори муомилоти молҳо огоҳиномаи дахлдорро оид ба тағйири маълумот ё огоҳиномаро оид ба ғайриимкон будани тағйирдиҳии чунин маълумот бо нишон додани сабаби раднамоӣ мефиристонад.

## БОБИ 5. БАҚАЙДГИРИИ МОЛҲО ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

25. Бо мақсади дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ҷойгирнамоии маълумот оид ба воридкамоӣ ба муомилот, муомилот ва аз муомилот баровардани молҳо, ки мавриди рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қарор мегиранд, бақайдгирии онҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар асоси маълумоти аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ба оператор дар шакли электронӣ пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад.

26. Бақайдгирии молҳо дар зернизоми "рӯйхат (каталог)-и молҳо"и низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби иштирокдорони зерини муомилоти молҳо амалӣ карда мешавад:

- ҳангоми истеҳсоли молҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз ҷониби истеҳсолкунандаи чунин молҳо (аз ҷумла истеҳсолоти қарордодӣ);

- ҳангоми истеҳсоли молҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз ҷониби воридоткунандаи чунин молҳо (то гузаштани молҳо аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикстон);

- ҳангоми аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ба даст овардани молҳо дар доираи шартномаҳои комиссияҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шахсони воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб намераванд-комиссионерҳо;

- ҳангоми баргардонидани молҳои аз иштирокдорони муомилоти молҳо бо мақсади ба фурӯши минбаъдаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастанабуда - аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо, ки воридиамоии молҳоро ба муомилот амалӣ менамоянд;

- ҳангоми дар дасти иштирокдори муомилоти молҳо мавҷуд будани бақияи молҳои бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузоринашуда, ки дар санаи рамзгузории ҳатмии чунин намуди молҳо бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ дар муомилот қарордошта мавриди фурӯш қарор мегиранд - аз ҷониби иштирокдорон муомилоти молҳо, ки муомилоти моли мазкурро амалӣ менамоянд.

27. Барои бақайдгирии молҳо дар Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иштирокдори муомилоти молҳо ба рӯйхат (каталог)-и молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупоранда;

- рамзи мол (рамзи баҳисобгирии воҳидҳои логистикӣ, ки ба мол тибқи қоидаҳои Ассотсиатсияи байналмилалӣ GF1 дода шудааст);

- номгӯйи молҳо;

- рамзи таснифгари омории маҳсулот (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рамзи номгӯйи молии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рамзи таснифгари глобалии маҳсулот (Global Product Clarrification, GPC);

- тамғаи молӣ (ҳангоми мавҷудият);

- давлати баромади мол мутобиқи сертификате, ки аз тарафи мақоми ваколатдор мутобиқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи кишвари содироткунанда/азнавсодироткунанда додашуда; нисбати молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда - нишондод дар бораи он ки мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шудааст;

- навъи бастубанд;

- маводи бастубанд;

- рақами регламенти техникӣ (стандарт);

- хусусияти истеъмолии мол;

- хусусияти вазну ҳаҷмноки бастубанд;

- тасвири мол аз нуктаҳои гуногун;

- маълумоти дигари дахлдор, ки аз ҷониби Оператор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи андоз муқаррар шудаанд ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудаанд.

28. Барои бақайдгирии бастаи гуӯҳӣ, бастаи интиқолӣ, маҷмуи молҳо ва ҷамъи молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, иштирокдори муомилоти молҳо ба рӯйхат (каталог)-и молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рамзи бастаи гурӯҳӣ ё бастаи интиқолӣ ё ҷамъи молҳо ё маҷмуи молҳо;

- рамзи мол (молҳо)-и гузошташуда;

- номгӯйи мол (молҳо);

- хусусияти вазну андоза;

- тасвир аз нуқтаҳои гуногун;

- маълумоти дигаре, ки аз ҷониби Оператор муқаррар карда шуда, дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудааст.

29. Дар ҳолати натиҷаи мусбати санҷиши маълумот оид ба бақайдгирии мол, бастаи гурӯҳи, бастаи интиқолӣ, ҷамъи молҳо, маҷмуи молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар муҳлати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз санаи пешниҳоди чунин маълумот бақайдгирии мол ё бастаи гурӯҳӣ ё бастаи интиқолӣ ё ҷамъи молҳо ё маҷмуи молҳо амалӣ карда мешавад ва огоҳиномаи дахлдор (расид) ба аризадиҳанда фиристода мешавад.

## БОБИ 6. ХУСУСИЯТИ ВОСИТАҲОИ МУШАХХАСНАМОИИ РАҚАМӢ

30. Рамзгузории молҳо бо роҳи ташаккул ва гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ (рамзи размгузорӣ дар шакли бо дастгоҳ хондашаванда) ба мол, бастаи мол ё ҳомили дигари иттилоотӣ, ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоӣ дар шакли рамзи шохиси дученака таъин шудааст, амалӣ карда мешавад.

31. Воситаи мушаххаснамоии рақамӣ рамзи рамзгузориро дар бар мегирад, ки он 4 гурӯҳи маълумотро доро мебошад, ки гурӯҳҳои якум ва дуюми онҳо рамзи мушаххаснамоии бастаи истеъмолӣ ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳоро, гурӯҳҳои сеюм ва чорум рамзи санҷиширо ташаккул медиҳанд, дар баробари ин:

- гурӯҳи якуми маълумот рамзи молро дар бар мегирад ва бо Оператор дар асоси маълумоти аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо мутобиқи боби 5 Тартиби мазкур воридшуда муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи дуюми маълумот рақами инфиродии силсилавии воҳиди молро дар бар мегирад ва аз ҷониби Оператор ва иштирокдори муомилоти мол муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи сеюми маълумот таснифгари калиди санҷишро дар бар мегирад ва бо Оператори муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи чоруми маълумот рамзи санҷишро дар бар мегирад ва бо Оператор дар низоми истеҳсоли рамзи мушаххаснамоии хабар (имитоставка) муттаҳид карда мешавад.

32. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд ба талаботи зерин мутобиқат намояд:

- мутобиқат ба стандарти байналмилалии ИСО/МЭК 16022:2006 "Технологияи иттилоотӣ. Технологияи мушаххаснамоии худкор ва ҷамъоварандаи маълумот. Хусусияти аломати шохиси рамзии Data Matrix" (ISO/IEC 16022:2006 "Information technology - Automatic identification and data capture techniqueS - Data Matrix bar code symbology specification");

- функсияи шинохтан ва ислоҳнамоии хатоҳо баробарарзиш аст ё назар ба DataMatrix ECC200 баланд аст;

- истифодаи рамзгузории ASCII;

- имконияти дарёфт намудани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд эҳтиётан кам ва дар ҳама ҳолат назар ба 1 аз 10000 камтар бошад.

## БОБИ 7. ҚОИДАИ ПЕШНИҲОДИ РАМЗИ РАМЗГУЗОРӢ

33. Бо мақсадҳои рамзгузорӣ бо вситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ иштирокдори муомилоти молҳо ба Оператор аризаро барои ба даст овардани рамзи рамзгузорӣ мефиристонад. Аризаҳои нишондодашуда аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо бо истифода аз истгоҳи идоранамоии фармоишҳо пас аз гирифтани огоҳинома (расид) оид ба бақайдгирии молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристода мешаванд. Тасдиқи бақайдгирии ариза барои ба даст овардани рамзи рамзгузорӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо огоҳиномаи дахлдор ба ҳисоб меравад, ки ба иштирокдори муомилоти молҳо бо истифода аз интерфейси ҳамкории мутақобилаи электронӣ тавассути утоқи шахсӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ё тавассути почтаи электронӣ на дертар аз 1 соат аз лаҳзаи ба даст овардани ариза фиристода шудааст.

34. Ариза барои ба даст овардани рамзҳои рамзгузорӣ бояд маълумотро оид ба рамзи мол ва миқдори рамзҳои рамзгузорӣ, инчунин маълумоти дигари аз ҷониби Оператор муайяншуда ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интерент ҷойгиркардашударо дар бар гирад. Аризаи зикргардида метавонад рамзҳои беназири мушаххаснамоиро ба додани онҳо ба молҳои рамзгузоришаванда ба нақша гирифта шудааст, дар

бар гирад. Агар чунин рамзҳои мушаххаснамоӣ аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо дар чунин ариза пешниҳод нашуда бошанд, онҳо аз ҷониби Операторе, ки беназирии онҳоро кафолат медиҳад, пешниҳод карда мешавад.

35. Ташаккулёбии рамзи рамзгузорӣ бо роҳи ташаккулёбии рамзи мушаххаснамоӣ ва ташаккулёбии рамзи санҷиш амалӣ карда мешавад. Рамзҳои ташаккулёфтаи рамзгузорӣ аз ҷониби Оператор ба иштирокдорони муомилоти молҳо бо истифода аз истгоҳи идоранамоии фармоишҳо пешниҳод карда мешаванд. Низоми иттилоотии рамзгузорӣ ба ташаккулёбии такрорӣ (генератсия)-и рамзи рамзгузорӣ роҳ намедиҳад.

36. Оператор ба иштирокдори муомилоти молҳо рамзҳои рамзгузориро мутобиқи аризаи пешниҳодшуда дар хусуси овардани рамзи рамзгузорӣ на дертар аз 4 соат аз лаҳзаи бақайдгирии аризаи мазкур мефиристонад.

37. Иштирокдори муомилоти молҳо на дертар аз 120 рӯзи тақвимӣ аз санаи ба даст овардани рамзи рамзгузорӣ табдилёбии онҳоро ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва гузоштан ба мол, бастаи мол ё ягон ҳомили моддии дигар, ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ таъин шудаанд, таъмин менамояд ва ба Оператор ҳисоботро оид ба гузоштани рамзҳои рамзгузорӣ ё мавҷудияти вазъияти қувваи муқовиматнопазир, ки метавонанд ҳамчун асос барои бекорнамоии рамзҳои додашуда (гумшавӣ, вайроншавии мол) тавассути истгоҳи идоранамоии мефиристонад. Рамзи рамзгузории дар муҳлати муқарраршуда истифоданагардида бекор карда мешаванд.

38. Санаи ба даст овардани рамзи рамзгузорӣ аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо, ки аз он муҳлат ба ҳисоб гирифта мешавад, ки он бо банди 37 Тартиби мазкур муқаррар шудааст, санаи аз ҷониби Оператор ба иштирокдори муомилоти молҳо фиристодани огоҳинома оид ба пешниҳоди рамзҳои рамзгузорӣ, ки аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо фармоиш дода шудааст, ба ҳисоб меравад. Огоҳиномаи мазкурро оператор ба иштирокдори муомилоти молҳо бо роҳи ҷойгирнамоии он дар утоқи шахсии иштирокдори муомилоти молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо нишон додани санаи ҷойгирнамоии огоҳиномаи мазкур фиристода мешавад. Дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бақайдгирии маълумот оид ба гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, ки маълумотро оид ба сана ва рақами гузориши мазкур дар бар мегирад, аз ҷониби Оператор амалӣ карда мешавад.

39. Молҳое, ки маълумот дар бораи онҳо (аз ҷумла маълумот оид ба гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба онҳо) ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳод нашудаанд ё бо вайроннамоии талаботи муқаррарнамоии Тартиби мазкур пешниҳод шудаанд, бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузоринашуда ба ҳисоб мераванд.

40. Таҷҳизонидани иштирокдорони муомилоти молҳоро бо истгоҳҳои идоранамоии фармоишҳо Оператор бо роҳи бевосита супоридани онҳо ва ё бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба истгоҳҳои идоранамоии фармоишҳо, ки дар инфрасохтори низоми иттилоотии рамзгузории электрони молҳо ҷойгир карда шудааст, амалӣ менамояд. Қарор дар бораи интихоби усули пешниҳоди истгоҳҳои идоранамоии фармоишҳо аз ҷониби Оператор бо дар назар доштани хусусияти рамзгузорӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ барои гурӯҳи дахлдори молӣ қабул карда мешавад.

## БОБИ 8. ТАРТИБИ ГУЗОШТАНИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНӢ

41. Гузоштани рамзгузории электронӣ дар мол, бастаи мол ё дигар ҳомили моддӣ, ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ таъин шудаанд, дар ҳолати истеҳсоли мол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои истеҳсолнамоӣ ё нигоҳдории мол, дар ҳолати воридномоӣ (аз ҷумла маҷмуи молҳо ё ҷамъи молҳо) ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - то ҷойгирнамоии мол таҳти низоми гумрукӣ, барои муомилоти озод ё азнавворидотнамоӣ оғоз намудан амалӣ карда мешавад.

42. Шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки дар бораи фурӯши моли қаблан бо мақсадҳои ба фурӯши минбаъдаи мол вобастанабуда ба дастовардашуда, инчунин қаблан мусодирашуда, ҳабсшуда, гирифташуда ё ба даромади давлат бо ягон усули дигар табдилдодашуда ва моле, ки мусодиранамоии он ба ҳисоби иҷрои уҳдадорӣ равонашуда қарор қабул намудааст, ки он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, бояд рамзгузории моли рамзгузоштанашударо бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ то фурӯши он аз ҷониби шахсони сеюм таъин намоянд. Комиссионер бояд рамзгузории моли рамзгузоштанашударо бо воситаҳои мушаххаснамоии рамзгузорӣ (аз ҷумла ҷамъи молҳо ва маҷмуи молҳо), ки барои фурӯш аз шахсони воқеӣ, ки соҳибкори инфиродӣ дар доираи шартномаҳои комиссия ба ҳисоб намераванд, қабул намудааст, то пешниҳоди ин мол барои фурӯш таъмин намояд.

43. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд бо усуле гузошта шавад, ки он ба ҷудогардии воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро аз мол, бастаи мол ё ягон ҳомили моддии дигар, ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ таъин гардидаанд, роҳ надиҳад. Дар ҳолати ташаккулёбии маҷмуи молҳо воситаи мушаххаснамоии рақамӣ ба бастаи истеъмолии маҷмуи молҳо ва тахтахат, ки дар бастаи истеъмолӣ ҷойгир карда шудааст, инчунин дар бастаи истеъмолии мол, ки ба таркиби маҷмуи молҳои мазкур ё тахтахати дар чунин бастаи истеъмолӣ ҷойгиршуда ворид мегардад, гузошта мешавад. Дар ҳолати ташаккулёбии маҷмуи молҳо воситаи мушаххаснамоии рақамӣ ба бастаи истеъмолии маҷмуи молҳо ё тахтахат, ки дар басти истеъмолии чунин маҷмуи молҳо ҷойгир карда шудааст, гузошта мешавад.

44. Ба ҷойгирнамоии тахтахати дорои воситаҳои мушаххаснамои рақамӣ дар пардачаи шаффофи молпечонӣ ё ягон моддаи дигари молпечонии беруна роҳ дода мешавад. Дар баробари ин воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ набояд бо маълумоти дигар рӯпӯш карда шавад, ки он барои ҳисобнамоӣ ва шинохташавии воситаҳои мушахахси рақамӣ монеа мешавад.

## БОБИ 9. ТАРТИБ ВА МУҲЛАТИ АЗ ҶОНИБИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ БА НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО ДАР БОРАИ БА МУОМИЛОТ ДАРОВАРДАНИ МОЛҲО, МУОМИЛОТ ВА АЗ МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ МОЛҲО, ИНЧУНИН ТАРТИБИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО БО ДИГАР НИЗОМҲОИ ИТТИЛООТӢ

45. Иштирокдорони муомилоти молҳо ҳуқуқ доранд то лаҳзаи ба муомилот даровардани мол маълумотро дар бораи он, аз ҷумла шарҳи он, тасвир ва арзиши онро дар шабакаи интернет (интернет-мағозаҳо), каталогҳо, буклетҳо ва дигар маводди электронӣ ва интишорӣ, ки офертаи ҷамъиятиро барои фурӯши фосилавии молҳо (ҷойҳои савдо) дар бар мегиранд, ҷойгир намоянд, инчунин шартномаҳои хариду фурӯши чаканаро бо усули фосилавӣ бо истеъмолкунандагони ниҳоӣ бо қабули пешпардохт барои мол банданд. Расонидани мол ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ дар асоси шартномаи хариду фурӯши чакана бо усули фосилавӣ, ки то ба муомилот даровардани мол баста шудааст, танҳо пас аз даровардани мол ба муомилот иҷозат дода мешавад.

46. Истеҳсолкунандагон то пешниҳоди мол барои фурӯш, аз ҷумла то пешниҳоди он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳо (ба истиснои пешниҳоди маълумот оид ба онҳо ҳангоми фурӯши онҳо бо усули фосилавӣ) ба низоми иттилоотии рамзгузорӣ маълумоти зеринро ворид менамоянд:

1) санаи истеҳсоли мол;

2) рақами мушаххаси андозсупорандаи истеҳсолкунанда;

3) рамзи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи мол ва рамзи мушаххаснамоии ҷамъи мол ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ;

5) навъи фармоиши истеҳсолӣ (истеҳсоли шахсӣ, истеҳсоли қарордодӣ);

6) рақами мушаххаси андозсупорандаи соҳибмулки мол (дар ҳолати истеҳсоли қарордодӣ);

7) маълумот барои супоридани моли дар доираи истеҳсоли қарордодӣ баровардашуда ба соҳибмулки он, ки онҳо дар бар мегиранд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи соҳибмулки мол;

- унсурҳои ҳуҷҷати аввалия, ки супориши молро аз истеҳсолкунанда ба соҳибмулки мол тасдиқ менамояд;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо, ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ;

8) маълумот дар бораи фурӯши мол, ки дар доираи истеҳсолоти қарордодӣ бароварда шудааст, ки онҳо дар бар мегиранд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи соҳибмулки мол;

- унсурҳои ҳуҷҷати аввалия, ки супориши молро аз истеҳсолкунанда ба соҳибмулки мол тасдиқ менамояд;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо, ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ;

9) маълумоти дигаре, ки аз ҷониби Оператор муқаррар карда шудаанд ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудаанд.

47. Иштирокдорони муомилоти молҳо, ки фурӯши молҳои аз шахсони воқеӣ, ки соҳибкорони инфиродӣ ба ҳисоб намераванд, ба даст овардашуда (ба истиснои молҳои қаблан ба даст овардашуда ва аз ҷониби истеъмолкунандагон баргардонидашуда)-ро, то пешниҳоди ин мол барои фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ), ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки муомилоти моли зикргардидаро амалӣ менамояд;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ;

- маълумоти дигаре, ки аз ҷониби Оператор муайян карда шудаанд ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудаанд.

48. Иштирокдорони муомилоти молҳо ҳангоми зарурат ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро нисбати ҳар як воҳиди моли дар санаи ҷоринамоии рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамои рақамӣ фурӯхтанашуда ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки муомилоти молҳоро амалӣ менамояд;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ;

- рақами бақайдгирӣ ва санаи эъломияи гумрукии бор ба молҳо (барои молҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда).

49. Воридоткунандагон пас аз барориши моли рамзгузоришуда мутобиқи низоми гумрукии барориш барои муомилоти озод ё азнавворидоткунанда ва то пешниҳоди моли рамзгузоришуда барои фурӯш, аз ҷумла то пешниҳоди он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ), ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи воридоткунанда;

- рақами мушаххаси бастаи истеъмолӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзи муттаҳидаи гумрукӣ;

- санаи бақайдгирии эъломияи гумрукии бор нисбат ба молҳо;

- маълумоти дигаре, ки аз ҷониби Оператор муқаррар гардидааст ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудааст.

50. Бо мақсадҳои гузаштани низоми гумрукии барориши молҳо барои муомилоти озод ё азнавворидотнамоӣ иштирокдорони муомилоти молҳо дар эъломияи гумрукии бор нисбат ба молҳо метавонанд рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаҳои гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаҳои интиқолӣ ё рамзи муттаҳидаи гумрукиро нишон диҳанд. Рамзи муттаҳидаи гумрукӣ аз ҷониби Оператор тибқи аризаи воридоткунанда ташаккул дода мешавад, ки дар он маълумот мутобиқи банди 49 Тартиби мазкур нишон дода мешавад.

51. Бо мақсадҳои ба даст овардани рамзи муттаҳидаи гумрукӣ, иштирокдорони муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузорӣ маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо;

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии басти интиқолӣ, ки бояд ба рамзи муттаҳишудаи гумрукӣ ворид гарданд.

52. Рамзи муттаҳидгардидаи гумрукӣ аз ҷониби Оператор ташаккул дода мешавад ва рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо ва рақами инфиродии силсилавии маҷмуи молҳоро дар бар мегирад, ки аз ҷониби Оператор бо тартиби ихтиёрии додашаванда тартиб дода мешавад.

53. Иштирокдорони муомилоти молҳо ҳангоми зарурат амалиёти ташаккулёбии ҷамъи молҳоро амалӣ менамоянд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо;

- рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо.

54. Иштирокдорони муомилоти молҳо ҳангоми зарурат амалиёти ташаккулёбии ҷамъи молҳоро мегузаронад ва то пешниҳоди ин ҷамъи молҳо барои фурӯш, аз ҷумла то расонидани он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи он ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ) ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо;

- рамзи мушаххаси ҷамъи молҳо;

- рӯйхати рамзҳои мушаххаскунандаи молҳо, ки ба маҷмуи молҳо ворид мегарданд.

55. Иштирокдорони муомилоти молҳо ҳангоми зарурат амалиёти муттаҳиднамоиро мегузаронанд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамоянд:

1) натиҷаи иҷрои амалиёти муттаҳиднамоӣ ба бастаи гурӯҳӣ тавассути пешниҳоди маълумоти зерин:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки бастабанди молҳоро ба бастаи гурӯҳӣ амалӣ намудааст;

- навъи фармоиши истеҳсолӣ (истеҳсоли шахсӣ, истеҳсоли қарордодӣ);

- рақами мушаххаси андозсупорандаи соҳибмулки мол (дар ҳолати истеҳсоли қарордодӣ);

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, ки барои ҳар яки он рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии бастаи истеъмолии ба бастаи гурӯҳии дахлдор гузошташуда нишон дода мешавад;

2) натиҷаи иҷрои амалиёти муттаҳиднамоӣ ба бастаи интиқолии сатҳи аввал тавассути пешниҳоди маълумоти зерин:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки бастабанди молҳоро ба бастаи интиқолии сатҳи аввал амалӣ менамояд;

- навъи фармоиши истеҳсолӣ (истеҳсолоти шахсӣ, истеҳсолоти қарордодӣ);

- рақами мушаххаси андозсупорандаи соҳибмулки мол (дар ҳолати истеҳсоли қарордодӣ);

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолии сатҳи аввал, ки барои ҳар яке аз онҳо рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, ки ба бастаи интиқолии дахлдор гузошта шудааст, нишон дода мешавад;

3) натиҷаи иҷрои амалиёти муттаҳиднамоии ҳар як сатҳи минбаъда тавассути пешниҳоди маълумоти зерин:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки бастабанди молҳоро ба бастаи интиқолии сатҳи минбаъда амалӣ менамояд;

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолии сатҳи аввал, ки барои ҳар яке аз онҳо рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолии ба бастаи интиқолии дахлдор гузошташуда нишон дода шудааст.

56. Рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ дар шакли рамзи шохиси якченака, ки ба Стандарти байнидавлатии ГОСТ IFO 15394-2013 "Баста. Рамзҳои асосии шохиси рамзӣ ва рамзҳои дученака дар тахтахатҳо барои борнамоӣ, интиқол ва қабул. Талаботи умумӣ" мутобиқат менамояд. Таркиби рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо, ки муттаҳиднамоии молро дар бастаи интиқолӣ амалӣ менамояд, бо шарти таъмини беназирии он муайян карда мешавад.

57. Иштирокдори муомилоти молҳо, ки амалиётро оид ба тақсимнамоии бастаи интиқолӣ амалӣ менамояд, ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки тақсимнамоии бастаи интиқолиро амалӣ менамояд;

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии басти интиқолие, ки мавриди тақсимнамоӣ қарор мегирад.

58. Дар ҳолати аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳод гардидани маълумот дар бораи муомилот ё аз муомилот баровардани қисми молҳое, ки тибқи маълумоти низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар бастаи интиқолӣ қарор дорад, дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба таври худкор тақсимнамоии ҳамаи бастаҳои сатҳи нисбатан баланди гузориш, ки гирифтани молро аз чунин бастаҳо дар бар мегирад, ба қайд гирифта мешавад.

59. Иштирокдорони муомилоти молҳо, ки амалиётро оид ба гирифтан ё аз нав гузоштани мол дар доираи бастаи интиқолии сатҳи якум ё амалиётро оид ба гирифтан ва аз нав гузоштани бастаи интиқолии сатҳи якум ба бастаи интиқолии сатҳи минбаъдаро амалӣ менамоянд, ба низоми иттилоотии рамзгузорӣ маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки амалиётро оид ба гирифтан ва азнав гузоштан амалӣ менамоянд;

- навъи амалиёт (азнавгузорӣ, гирифтан);

- рӯйхати рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ.

60. Аз муомилот баровардан (бекорнамоӣ)-и рамзи мушаххаснамоии бастаи интиқолии сатҳи якум ва минбаъда танҳо дар он ҳолат амалӣ карда мешавад, ки агар тибқи натиҷаи гузаронидани амалиёт оид ба гирифтан ё аз нав гузоштан дар онҳо бастаи интиқолии сатҳи якум ё бастаҳои истеъмолӣ боқӣ намонда бошад.

61. Иштирокдори муомилоти молҳо, ки амалиётро оид ба тақсимнамоии маҷмуи молҳо амалӣ менамояд, ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки амалиётро оид ба тақсимнамоии маҷмуи молҳо амалӣ менамоянд;

- рақами мушаххаснамоии маҷмуи молҳои мавриди тақсимшавӣ қароргиранда.

62. Ҳангоми супоридан (қабул)-и мол дар доираи аҳдҳое, ки гузаштани ҳуқуқи моликиятро ба он пешбинӣ менамоянд, инчунин дар доираи шартномаҳои комиссия иштирокдори муомилоти молҳо, ки борнамоӣ (қабул)-и молро амалӣ менамояд, огоҳиномаро оид ба супоридан (қабул)-и мол (дар шакли ҳисобнома-фактура) ташаккул медиҳад, онро бо имзои электронии рақамӣ дар муҳлати на бештар аз 3 рӯзи

корӣ аз санаи борнамоӣ (супоридан ё қабул)-и мол, вале на дертар аз санаи супоридани ин мол ба шахсони сеюм имзо менамояд.

63. Дар ҳолати қабули пурраи мол иштирокдори муомилоти мол, ки қабули молро амалӣ намудааст, огоҳиномаро оид ба супоридан (қабул)-и мол бо имзои электронии рақамии худ ба муҳлати на бештар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи қабули мол, вале на дертар аз санаи супоридани ин мол ба шахсони сеюм ба имзо мерасонад.

64. Оператори роуминг ҳар рӯз дар низоми вақти амалӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо тамоми огоҳиномаро оид ба супоридан (қабул)-и мол (дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ) мутобиқи протоколи мубодилаи маълумот байни оператори роуминг ва низоми иттилоотии рамзгузорӣ, ки маълумоти ҳатмии зеринро дар бар мегирад, мефиристонад:

- санаи содирнамоии аҳд;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори молҳо, ки супоридани молро амалӣ менамояд;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки қабули молҳоро амалӣ намудааст;

- нархи фурӯши молҳо;

- миқдори молҳои фурӯхташуда;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣи ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолии дар доираи аҳд супоридашуда (қабулшуда);

- имзоҳои электронии иштирокдорони муомилоти молҳо.

65. Оператор тавсияҳои методиро оид ба худкоргардонии расмиёти борнамоӣ (қабул)-и моли рамзгузоришуда ва барасмиятдарорӣ (имзонамоӣ)-и огоҳиномаро оид ба супоридан (қабул)-и молҳо (дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ) таҳия менамояд ва дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир менамояд.

66. Ҳангоми ба даст овардани огоҳинома оид ба супоридан (қабул)и мол (дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ), ки аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ба имзо расонида шудааст, Оператор дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо далели супоридани молро аз як иштирокдори муомилоти молҳо ба дигараш инъикос менамояд.

67. Низоми иттилоотии рамзгузорӣ ба низоми иттилоотии мақомоти гумрук тибқи дархост маълумоти зеринро оид ба моли рамзгузоришуда месупорад:

- номгӯйи соҳиби рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳишудаи гумрукӣ;

- рақами мушаххаси андозсупоранда, номгӯйи андозсупорандасоҳиби рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамои ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ва рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамои ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- мақоми рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- санаи тағйироти охирини мақоми рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамои ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- рамзи номгӯйи молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- рамзи мақоми мол;

- мақоми мол;

- санаи тағйирдиҳии мақоми мол;

- санаи воридномоии мол ба муомилот.

68. Низоми иттилоотии мақомоти гумрук ба низоми иттилоотии рамзгузорӣ тибқи ариза маълумоти зеринро оид ба натиҷаҳои назорати гумрукии моли рамзгузоришуда месупорад:

- рамзи мақоми гумруке, ки қарорро оид ба эъломияи гумрукии бор нисбат ба молро қабул намудааст;

- санаи бақайдгирии эъломияи гумрукии бор нисбат ба мол;

- рақами бақайдгирии эъломияи гумрукии бор нисбат ба мол;

- рамзи расмиёти гумрукӣ;

- рамзи хусусияти эъломиякунонӣ;

- номгӯйи ташкилот-фиристонандаи мол;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи фиристонандаи мол дар кишвари бақайдгирӣ ё ҳамшабеҳи он;

- номгӯйи ташкилоти қабулкунандаи мол;

- рақами мушаххаси андозсупорандаи қабулкунандаи мол;

- рамзи номгӯйи моли фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- арзиши гумрукии мол;

- нархи мол (арзиши фактуравӣ);

- рамзи кишвари баромади мол мутобиқи сертификати аз ҷониби мақоми ваколатдор мутобиқи тартиб ва шакли муқаррарнамудаи кишвари воридот додашуда;

- миқдори мол дар воҳиди иловагии ченак;

- номгӯйи воҳиди иловагии ченак;

- рамзи воҳиди иловагии ченак;

- номгӯйи мол дар эъломияи гумрукии бор нисбат ба мол;

- миқдори мол дар эъломияи гумрукии бор нисбат ба мол;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзҳои муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати молҳо пардохт карда шудааст;

- рамзи қарори қабулшуда.

69. Ҳангоми вориднамоии тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар эъломияи гумрукии бор нисбат ба мол пешбинишуда, пас аз барориши мол мутобиқи низоми гумрукии барориши мол барои муомилоти озод ё азнавворидотнамоӣ мақоми гумрук ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти ислоҳшударо оид ба мол пешниҳод менамояд.

70. Маълумот оид ба қарори мақоми гумрук нисбати рамзгузории мол, ки аз низоми иттилоотии мақомоти гумрук гирифта шудааст, дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо сабт карда мешаванд.

71. Иштирокдорони муомилоти молҳо, ки фурӯши чаканаи молро амалӣ менамоянд, ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба баровардани мол аз муомилот бо татбиқи техникаи назоратӣ-хазинавӣ мефиристонанд, ба истиснои иштирокдорони муомилоти молҳое, ки ҳуқуқи истифода накардани техникаи назоратӣ-хазинавиро ҳангоми амалинамоии ҳисоббаробаркунӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, мефиристонанд.

72. Иштирокдори муомилоти молҳо, ки фурӯши чаканаи молро амалӣ менамояд, тавассути воситаҳои техникӣ (воситаҳои сканнамоии онлайни техникаи назоратӣ-хазинавӣ ё таҷҳизоти алоҳидаи сканнамоӣ) воситаи мушаххаснамои рақамиро, ки бо муқаррарнамоӣ ва техникаи назоратӣ-хаинавии дар вай бақайдгирифташуда вобаста аст, скан ва шинохташавиро амалӣ менамояд. Иштирокдори муомилоти молҳо ҳуҷҷати фискалиро тавассути таҷҳизоти назоратӣ-хазинавӣ мутобиқи шакли тасдиқнамудаи ҳуҷҷатҳои фискалӣ ташаккул медиҳад.

73. Оператори маълумоти фискалӣ дар асоси шартнома бо иштирокдори муомилоти молҳо, ки фурӯши молҳоро бо истифода аз таҷҳизотҳои назоратӣ-хазинавӣ амалӣ менамояд, ҳар рӯз дар низоми вақти амалӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро аз рӯйи ҳар як воҳиди моли фурӯхташуда мутобиқи протоколи мубодилаи маълумот байни Оператори маълумоти фискалӣ ва низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мефиристонад, ки он маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи ташкилоти савдои чакана;

- намуди ҳуҷҷати фискалӣ;

- рақами тартибии ҳуҷҷати фискалӣ;

- сана ва вақти ҳуҷҷати фискалӣ;

- аломати ҳисоббаробаркунӣ - даромад (бадастории воситаҳо аз харидор), баргардонидани даромад (ба харидор баргардонидани воситаҳои аз вай ба даст овардашуда);

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии гурӯҳи бастаҳо;

- нарх барои воҳиди мол;

- бақайдгирии рақами техникаи назоратӣ-хазинавӣ;

- суроғаи бақайдгирии техникаи назоратӣ-хазинавӣ;

- аломати фискалӣ (имзо).

74. Огоҳинамоӣ оид ба қайди маълумот дар бораи аз муомилот баровардани мол ё дар бораи рад намудани бақайдгирии чунин маълумот дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба Оператори маълумоти фискалӣ ё ба иштирокдори муомилоти молҳо, ки фурӯши чаканаи молро амалӣ намудаанд, фиристода мешавад. Ҳангоми надоштани Оператори маълумоти фискалӣ имконияти амалинамоии техникии супоридани маълумот оид ба фурӯши молҳои рамзгузоришуда аз таҷҳизотҳои назоратӣ-хазинавии иштирокдори муомилоти молҳо аз ном ва бо супориши иштирокдорони муомилоти молҳо, пас ӯҳдадорӣ оид ба супоридани маълумот оид ба баровардани мол аз муомилот бо истифода аз таҷҳизоти назоратӣ-хазинавӣ аз ҷониби иштирокдори муомилоти молҳо тавассути утоқи шахсии иштирокдори муомилоти молҳо дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ карда мешавад.

75. Ҳангоми аз муомилот баровардани мол бо сабабҳое, ки фурӯши чакана ба ҳисоб намераванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки нисбати онҳо тартиби аз муомилот баров振ди мол дар бандҳои 76 ва 77 Тартиби мазкур пешбинӣ шудаанд, иштирокдори муомилоти молҳо дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:

- рақами мушахханамоии андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки аз муомилот баровардани молро амалӣ менамоянд;

- сабаби аз муомилот баровардани мол (нобудсозӣ, гузаштани муҳлати коршоямӣ, истифода бо мақсадҳои истеҳсолӣ, истифода бо мақсадҳое, ки ба фурӯши минбаъдаи он вобаста нест ва ғайра);

- номгӯй, сана ва рақами ҳуҷҷати аввалия оид ба баромади мол аз муомилот;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, ки аз муомилот баровaрда мешаванд.

76. Ҳангоми баровардани мол аз муомилот бо роҳи фурӯши он аз рӯйи намунаҳо ё усули фосилавӣ иштирокдори муомилоти молҳо ҳангоми бор намудани мол аз анбори нигоҳдорӣ барои расонидан ба истеъмолкунанда то санаи расонидани воқеӣ ба истеъмолкунанда ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки аз муомилот баровардани молро амалӣ менамояд;

- сабаби аз муомилоти баровардани мол (фурӯши мол аз рӯйи намунаҳо, усули фосилавии фурӯши мол);

- номгуй, сана ва рақами ҳуҷҷати аввалия дар бораи аз муомилот баромадани мол;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаҳои гурӯҳӣ;

- арзиши моли аз муомилот баровардашаванда (аз рӯйи маълумоти баҳисобгирии иштирокдори муомилоти молҳо).

Эзоҳ:

1. Дар ҳолати ба анбори нигоҳдорӣ баргардонидани моли қаблан аз муомилот бо роҳи фурӯш аз рӯйи намунаҳо ё усули фосилавӣ баровардашуда иштирокдори муомилоти молҳо маълумоти дахлдорро ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ворид менамояд ва азнаврамзгузории молро амалӣ менамояд, агар чунин азнаврамзгузорӣ мутобиқи Тартиби мазкур то пешниҳоди ин мол барои фурӯш, аз ҷумла то расонидани он дар ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ) талаб карда шавад. Ҳангоми баргардонидани мол бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамии зарарнадида, мол такроран рамзгузорӣ намешавад, балки ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зерин ворид карда мешавад:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки молро қабул намудааст;

- рамзи мушаххаснамоии мол, рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ;

- унсурҳои ҳуҷҷатҳое, ки баргардонидани молро тасдиқ менамояд, агар молҳо аз ҷониби истеъмолкунанда пардохт шуда бошад.

2. Ҳангоми баргардонидани мол ва ҳангоми зарурати азнаврамзгузорӣ намудани он иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки молро қабул намудааст;

- рамзи нави мушаххаснамоии мол, рамзи нави мушаххаснаомии маҷмуи молҳо рамзи нави мушаххаснамоии ҷамъи молҳо, рамзи нави мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ;

- унсурҳои ҳуҷҷатҳое, ки баргардонидани молро тасдиқ менамоянд, агар молҳо аз ҷониби истеъмолкунанда пардохт шуда бошанд.

77. Ҳангоми баровардани мол аз муомилот бо сабаби ҷойгирнамоии мол таҳти низоми гумрукии содиротӣ иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо огоҳиномаро дар бораи аз муомилот баровардани мол пешниҳод менамояд, ки он бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи содироткунанда;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи интиқолӣ ё рамзи муттаҳидшудаи гумрукӣ;

- санаи бақайдгирии эъломияи гумрукии бор ба мол;

- рақами бақайдгирии эъломияи гумрукии бор ба мол.

78. Ҳангоми азнаврамзгузории мол иштирокдори муомилоти молҳо то пешниҳоди намудани ин мол барои фурӯш, аз ҷумла то пешниҳоди он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ) ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳии воситаҳои нави мушаххаснамоии рақамӣ;

- рамзи мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамои ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳии вайроншуда (нобудшуда, гумшуда)-и воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ (ҳангоми мавҷудият).

79. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки молро барои истифода бо мақсадҳои ба фурӯши минбаъда вобастанабуда ба даст меоранд, огоҳиномаро, ки гузашти ҳуқуқи моликиятро аз фурӯшанда ба харидор дар асоси огоҳиномаи гузашти ҳуқуқи моликият тасдиқ менамояд, имзо менамоянд, аз ҷумла дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ. Иштирокдори муомилоти молҳо, ки молро барои истифода бо мақсадҳои фурӯши минбаъда вобастанабудаи молҳои зикргардида, дар асоси огоҳиномаи аз ҷониби харидор тасдиқшуда, ки гузашти ҳуқуқи моликиятро тасдиқ менамояд, ба муҳлати на бештар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи супоридан (қабул)-и мол ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки аз муомилот баровардани молҳоро амалӣ менамоянд;

- рамзҳои мушаххаснамоии молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ ё рамзҳои мушаххаснамоии бастаҳои интиқолӣ;

- усули баровардани мол аз муомилот (фурӯши яклухт барои истифодаи мол аз ҷониби харидор бо мақсадҳои ба фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда);

- санаи аз муомилоти баровардани мол;

- нархи фурӯши моли рамзгузоришуда (бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда, агар татбиқпазир бошад) мутобиқи ҳуҷҷатҳои аввалия (дар ҳолати фурӯш);

- номгӯй, рақам ва санаи ҳуҷҷат, ки бадасториро тасдиқ менамояд.

80. Ҳангоми баргардонидани мол аз ҷониби истеъмолкунанда бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамии зарарнадида, мол мавриди азнаврамзгузорӣ қарор намегирад, ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби иштирокдори муомилоти мол маълумоти зерин ворид карда мешавад:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки молро қабул намудааст;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ;

- унсурҳои ҳуҷҷатҳое, ки баргардонидани моли рамзгузоришударо тасдиқ менамояд.

81. Ҳангоми баргардонидани мол аз ҷониби истеъмолкунанда бо воситаҳои мушаххаснамои рақамии зарардида ва ё бе воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ (имконияти мушаххаснамоии мол мавҷуд нест) иштирокдори муомилоти молҳо азнаврамзгузории молро мутобиқи Тартиби мазкур то пешниҳоди он барои фурӯш, аз ҷумла то пешниҳоди он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он ё пешниҳоди маълумот дар бораи он ба ҷойи фурӯш амалӣ менамояд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамояд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо, ки молро қабул намудааст;

- рамзи нави мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рақами мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ;

- унсурҳои ҳуҷҷатҳое, ки баргардонидани молҳои рамзгузоришударо тасдиқ менамояд.

82. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба фурӯшанда моли аз муомилот бо роҳи фурӯш бо мақсади ба фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда баровардашударо бармегардонанд, огоҳиномаро, ки гузашти ҳуқуқи моликиятро аз фурӯшанда ба харидор дар асоси огоҳиномаи гузашти ҳуқуқи моликият тасдиқ менамояд, имзо мекунад, аз ҷумла дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ. Иштирокдори муомилоти молҳо, ки моли баргардонидашудаи аз муомилот бо роҳи фурӯш барои истифода бо мақсадҳои ба фурӯши минбаъдаи мол вобастанабуда қабул намудааст, дар асоси огоҳиномаи аз ҷониби харидор тасдиқшуда, ки гузашти ҳуқуқи моликиятро тасдиқ менамояд, ба муҳлати на бештар аз 3 рӯзи корӣ аз санаи супоридан (қабул)-и мол ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти дахлдорро ворид менамояд.

83. Шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки молро ба мақсадҳои ба фурӯши минбаъади он вобастанабуда ба даст овардааст ва қарорро дар бораи фурӯш қабул менамоянд, дар ҳолати зарурат азнаврамзгузории молро бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ то пешниҳоди ин мол барои фурӯш, аз ҷумла то пешниҳоди он ба ҷойи фурӯш, намоиши намунаҳои он (ба истиснои пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо ҳангоми фурӯши молҳо бо усули фосилавӣ) амалӣ менамоянд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- рақами мушаххаси андозсупорандаи иштирокдори муомилоти молҳо;

- рамзи мушаххаснамоии мол ё рамзи мушаххаснамои маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаси ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳии ба муомилот баргардонидашуда (дар ҳолате ки агар воситаи мушаххаснамоии рақамӣ зарар надидааст ва ё гум нашудааст);

- рамзи нави мушаххаснамии мол ё рамзи мушаххаснамоии маҷмуи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии ҷамъи молҳо ё рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ (дар ҳолати агар воситаи мушаххаснамоии рақамӣ гум шудааст ё зарад дидааст).

## БОБИ 10. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА МАЪЛУМОТЕ, КИ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО НИГОҲ ДОШТА МЕШАВАД

84. Дар ҳолати тағйирдиҳии маълумоти ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мутобиқ Тартиби мазкур воридшаванда, иштирокдори муомилоти молҳо дар муҳлати 3 рӯзи корӣ аз санаи тағйирёбии онҳо ба Оператор огоҳиномаро оид ба тағйирёбии чунин маълумот тавассути утоқи шахсӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мефиристонад.

85. Агар то супоридани маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо оид ба қабули мол, аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо муқаррар карда шавад, ки маълумоти дар ҳуҷҷатҳои супоранда ислоҳнамоиро тақозо менамоянд, пас:

- иштирокдори муомилоти молҳо, ки борнамоӣ (супориш)-и молро амалӣ намудааст, огоҳиномаро бекор менамояд (дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ);

- иштирокдори муомилоти молҳо, ки қабули молро амалӣ намудааст, огоҳиномаро рад менамояд (дар шакли ҳисобнома-фактураи электронӣ).

86. Агар пас аз қабули мол ва супоридани маълумот дар бораи он ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иштирокдорони муомилоти молҳо муқаррар намудаанд, ки маълумоти дар ҳуҷҷатҳои супоранда ислоҳнамоиро тақозо менамоянд, пас:

- иштирокдори муомилоти мол, ки борнамоӣ (супоридан)-и молро амалӣ намудааст, огоҳиномаро оид ба мушаххаснамоии маълумот оид ба супоридани (қабул)-и мол (дар шакли ҳисобнома-фактураи иловагӣ ё ҳисобнома-фактураи ислоҳшуда) ташаккул медиҳад;

- иштирокдори муомилоти мол, ки қабули молро амалӣ намудааст, огоҳиномаро оид ба мушаххаснамоии маълумот оид ба супоридан (қабул)-и мол имзо менамояд;

- Оператор пас аз гирифтани огоҳиномаи дар банди мазкур пешбинишуда, дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо далели ислоҳгардии маълумотро мутобиқи огоҳинома оид ба мушаххаснамоии маълумот оид ба супориш (қабул)-и мол инъикос менамояд.

87. Барои бекорнамоӣ ё ислоҳнамоии маълумоти қаблан ба Оператор пешниҳодшуда дар бораи аз муомилот баровардани молҳое, ки фурчши чакана ба ҳисоб меравад, иштирокдори муомилоти мол ба Оператор огоҳиномаро оид ба бекор намудани огоҳиномаи қаблан фиристодашуда (дар шакли ҳуҷҷати фискалӣ бо аломати баргардонидани моли қаблан фурӯхташуда) мефиристонад ва ҳангоми зарурат огоҳиномаи нав медиҳад.

88. Барои бекорнамоӣ ё ислоҳанмоии маълумоти қаблан ба Оператор пешниҳодшуда дар бораи аз муомилот баровардани молҳое, ки фурӯши чакана ба ҳисоб намеравад, иштирокдори муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо огоҳиномаро оид ба бекор кардани огоҳиномаи қаблан фиристодашуда бо нишон додани унсурҳо мефиристонад ва ҳангоми зарурат огоҳиномаи навро, ки маълумоти дар банди 77 Тартиби мазкур пешбинишударо дар бар мегирад, пешниҳод менамояд.

89. Ба вориднамоии тағйирот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо вобаста ба маълумоти қаблан аз ҷониби иштирокдори муомилоти мол ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳодшуда дар барои аз муомилот баровардан, муомилот, ба муомилот даровардани молҳо, дар давраи аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ гузаронидани санҷиши фаъолияти иштирокдори муомилоти молҳо, ки огоҳиномаро оид ба тағйирдиҳии маълумот фиристодааст, роҳ дода намешавад.

## БОБИ 11. ТАҶҲИЗОТЕ, КИ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО ИСТИФОДА МЕШАВАД

90. Сканерҳои рамзи шохис таҷҳизҳоти ҳатмӣ барои фурӯши молҳои рамзгузоришуда мебошад, ки дар ҷойҳои савдои яклухт ва чакана истифода миешавад. Сканер маълумотро аз QR-рамз (Data Matrix), ки дар бастабанд нашр шудааст, ба ҳисоб мегирад ва онҳоро ба таҷҳизоти назоратӣ-хазинавӣ, POF-терминалҳо ва компютерҳо медиҳад.

91. Терминалҳои ҷамъоварандаи маълумот дар фарқият аз скани стандартӣ, терминал мустақилона амалиёти хоҷагидорӣ (баҳисобгирии молҳо, фиристодани рамзҳои шохис барои соп)-ро амалӣ менамояд ва маълумоти бадастовардашударо коркар менамояд. Терминалҳои ҷамъоварандаи маълумот асосан дар мағозаҳо ва анборҳои бузург истифода бурда мешаванд.

## БОБИ 12. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ТАЛАБОТИ ТАРТИБИ МАЗКУР

92. Иштирокдорони муомилоти молҳо дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани талаботи Тартиби мазкур, аз ҷумла амалинамоии муомилоти молҳо бе рамзгузории электронӣ, бе истифода ё ба таври дахлдор истифода накардани таҷҳизотҳои назоратӣ-хазинавӣ ва дигар таҷҳизот, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо истифода мешаванд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

Замимаи 1

ба Тартиби рамзгузории электронӣ,

фаъолияти операторони пайгиркунандаи

гардиши молҳо ва раванди назорати

онҳо

# Дастурамали истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳои мазкур (минбаъд-**Дастурамал**) муайян менамояд:

- тартиби истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- тартиби пешниҳоди маълумоте, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта мешавад ва вориднамоии он ба маълумоти дастраси умум;

- тартиби ҳамкории мутақобилаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ ва низоми иттилоотии иштирокдорони муомилоти молҳо (минбаъд - иштирокдори муомилоти молҳо);

- тартиби ташаккулёбии маълумот дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо.

2. Расидан ба мақсадҳои таъсиси низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо тавассути функсияи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо таъмин карда мешавад:

- таъмини мушаххаснамоии ҳар як воҳиди мол, ки мавриди рамзгузорӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо роҳи ба молҳо додани рамзҳои беназири рамзгузорӣ (QR-рамз);

- таъмини ҳимояи рамзи рамзгузории мол бо роҳи генератсияи марказонидашудаи рамзи рамзгузорӣ;

- таъмини имконияти мониторинги ҳамаи марҳилаҳои муомилоти молҳои бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузоришуда, аз истеҳсолот ё вориднамоӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон то фурӯши чакана бо татбиқнамоии техникаи назоратӣ-хазинавӣ ё то бароriши дигари мол аз муомилот;

- таъмини имконияти ташаккулёбии маълумоти таҳлилӣ;

- санҷиши дурустии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ;

- таъмини ҳамкории мутақобила бо низоми иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- таъмини аҳамияти ҳуқуқии маълумоти аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо додашаванда;

- ташаккул ва бурдани рӯйхат (каталог)-и молҳои мавриди рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қароргирифта;

- таъмини имконияти амалинамоии назорати ғайридавлатӣ дар самти рамзгузории молҳо бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо истифода аз низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- функсияҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## БОБИ 2. СОХТОРИ НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

3. Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар бар мегирад:

1) ҷузъҳои умумӣ:

- ҷузъи нигоҳдорӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аз иштирокдорони муомилоти молҳо воридшаванда;

- ҷузъи нигоҳдории маълумот оид ба рамзҳои рамзгузорӣ;

- ҷузъи бақайдгирӣ ва нигоҳдории маълумоти иштирокдорони муомилоти молҳо ва истифодабарандагони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- ҷузъи дастрасӣ ба маълумот дар таркиби утоқи шахсии иштирокдори муомилоти молҳо ва дигар истифодабарандагони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- ҷузъи интерфейсҳои барномавӣ барои ташкили ҳамкории мутақобила бо низоми баҳисобгирӣ ва низомҳои дигари иттилоотии иштирокдорони муомилоти молҳо ва дигар истифодабарандагони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- ҷузъи ҳисоббаробаркунӣ ва ба даст овардани пардохт барои хизмати ташаккулдиҳӣ аз рӯйи пешниҳоди рамзҳои рамзгузорӣ барои иштирокдорони муомилоти молҳо;

- ҷузъи эмиссияи рамзҳои рамзгузорӣ;

- ҷузъи бурдани маълумоти меъёрӣ-маълумотӣ;

- ҷузъи бақайдгирӣ ва коркарди огоҳиномаҳо оид ба вориднамоии молҳои рамзгузоришуда аз давлатҳои сеюм мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷузъи бақайдгирӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои фискалӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷузъи ташаккул ва санҷиши электронии имзои рақамӣ ва таъмини корҳо бо маркази тасдиқнамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷузъи бақайдгирии иштирокдорони муомилот ва истифодабарандагон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷузъи пешбурди феҳристи молҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) зернизоми рӯйхат (каталог)-и молҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) зернизоми таъмини назорати ғайридавлатӣ;

4) зернизоми таҳлилӣ;

5) зернизоми ҳамкории мутақобила ва дастгирии иттилоотӣ.

4. Маълумоте, ки бо тартиби ҳатмӣ бояд дар худ маълумотеро, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуд аст, дар бар гирад:

- оид ба иштирокдорони муомилоти молҳое, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо сабт шудаанд;

- дар бораи молҳое, ки дар зернизоми "Рӯйхат (каталог)-и молҳо"-и низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба қайд гирифта шудаанд;

- оид ба воситаҳои техникие, ки аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо барои мубодилаи маълумот бо низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо истифода мешаванд;

- оид ба ташаккул (генератсия)-и рамзҳои рамзгузорӣ аз ҷониби Оператор;

- оид ба табодули рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо ва ба мол гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ;

- дар бораи воситаҳои мушаххаснамоии рақамии корношоям;

- дар бораи ба муомилот даровардан, муомилот ва аз муомилот баровардани молҳое, ки мавриди рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қарор мегиранд;

- аз ҳисобнома-фактураҳои электронӣ, ки маълумотро дар бораи муомилоти молҳое дар бар мегирад, мавриди рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қарор мегиранд;

- аз чекҳои хазинавӣ (мутобиқи қисми 3 моддаи 85 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва бланкҳои ҳисоботи қатъие, ки маълумотро оид ба фурӯши молҳо дар бар мегирад, ки мавриди рамзгузории ҳатмӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ қарор мегиранд;

- дар бораи вайроннамоии қоидаҳои рамзгузории молҳо бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, ки аз ҷониби истеъмолкунандагони ин молҳо ошкор карда шудааст.

## БОБИ 3. ИШТИРОКДОРОНИ НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

5. Иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба ҳисоб мераванд:

- мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи андоз (минбаъ - Ҳамоҳангсоз);

- Оператор;

- иштирокдорони муомилоти молҳо;

- мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти назорати гумрукӣ;

- истифодабарандагони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо.

6. Истифодабарандагони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, мақомоти ҳокимияти давлатие ба ҳисоб мераванд, ки ҳуқуқи дастрасиро ба маълумоти дар низоми иттилоотии рамзгузорӣ мавҷудбуда доранд.

7. Иштирокдорони муомилот, ки фурӯши чаканаи молҳоро амалӣ менамоянд, ухдадоранд дошта бошанд:

- таҷҳизоти назоратӣ-хазинавӣ бо функсияи сабтнамоӣ ва додани маълумотҳои ба тартиби муқарраргардида бақайдгирифташуда;

- воситаҳои сканнамоии бо таҷҳизои назоратӣ-хазинавӣ ва шинохташавии воситаҳои мушаххаснамоии молҳо вобастабуда, ки мавриди рамзгузории ҳатмӣ тавассути воситаҳои мушаххаснамоӣ дар ҳолати мавҷуд будани молҳои зикргардида қарор мегиранд;

- шартномае, ки бо Оператори маълумоти фискалӣ оид ба додани маълумот дар бораи аз муомилот баровардани молҳои рамзгузоришуда бо истифода аз таҷҳизотҳои назоратӣ-хазинавӣ аз рӯйи ҳар як воҳиди моли фурӯхташуда (ба истисноя иштирокдорони муомилоти молҳое, ки ҳисоббаробаркуниро бе татбиқнамоии таҷҳизотҳои назоратӣ-хазинавӣ амалӣ менамоянд) баста шудааст.

## БОБИ 4. ҚОИДАИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ТЕХНИКИИ НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

8. Истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби Оператор дар асоси созишномаи бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти андозбандӣ басташуда амалӣ карда мешавад.

9. Истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- таъмини пуррагӣ, дурустӣ, амнияти маълумоти бо истифода аз низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо қабулшаванда ва супоридашаванда;

- ягонагии таъмини ташкилию методии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- истифодаи феҳристҳо, таснифгарон ва маълумоти ягонаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- таъмини дастрасии танзимшуда ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- таъмини кори муттасили низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо.

10. Баистифодадиҳии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ҳам аз рӯйи зернизомҳо (қисматҳо)-и низоми иттилоотии рамзгузорӣ, ҳам аз рӯйи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ карда мешавад.

11. Асос барои баистифодадиҳии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо санади баистифодадиҳии аз ҷониби Оператор тасдиқшуда ба ҳисоб меравад.

12. Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз санаи баистифодадиҳии зернизом (қисмат)-и якуми низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба истифода додашуда ба ҳисоб меравад, агар муқаррароти дигар бо санади баистифодадиҳии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо муқаррар нашуда бошад.

13. Воситаҳои барномавӣ ё техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла зернизомҳо (қисматҳо)и онҳо бояд таъмин намоянд:

- амалинамоии функсияи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- кори муттасили шабонарӯзии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла зернизомҳо (қисматҳо)и он, ба истиснои танаффус барои корҳои регламентӣ ва техникӣ;

- ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла зернизом (қисматҳо)-и он бо дигар низомҳои иттилоотӣ, аз ҷумла бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ;

- ҳимояи иттилоотӣ, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуд аст, аз ҷумла зернизомҳо (қисматҳо)-и он мутобиқи талаботи муқаррарнамуда оид ба ҳимояи маълумот, ки сирри давлатиро ташкил намедиҳад;

- санҷиши муомилоти худкори шаклӣ-логистикӣ, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар шакли сохторӣ ҷойгир карда шудааст;

- ягонасозии таркиби амалиёти технологӣ оид ба ҷамъоварӣ, омоданамоӣ, супоридан, коркард ва инъикоси маълумоти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ҷойгиршаванда;

- бурдани дафтарҳои электронии баҳисобгирии амалҳо ва амалиётҳое, ки маълумотро оид ба ташаккул, ҷойгиршавӣ, тағйирдиҳӣ, мубодила ва хориҷнамоии маълумот бо нишон додани сана ва вақти иҷрои амалҳо ва амалиётҳо, таркиби онҳо ва маълумот дар бораи иштирокдорони муомилоти молҳое, ки чунин амалҳо ва амалиётҳоро амалӣ менамоянд, аз ҷумла раванди ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низомҳои иттилоотии дигар (минбаъд-дафтари электронии баҳисобгирӣ);

- ташаккули иқтибосҳо аз дафтарҳои электронии баҳисобгирӣ, ки бо дархости иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иҷро карда шудаанд;

- ташаккули маълумоти оморӣ аз дафтарҳои электронии баҳисобгирӣ тибқи дархости иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- маълумотдиҳӣ ба иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо оид ба нуқсонӣ ва вайрониҳо дар кори Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки метавонад вайроннамоии мӯҳлатҳо ва сифати пешниҳод ва бадастории маълумотро ба вуҷуд оранд, инчунин дар бораи талобот оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ;

- ягонагии маълумоти меъёрии маълумотномавии аз ҷониби иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо истифодашаванда дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла маълумотномаҳо, феҳристҳо ва таснифот.

14. Воситаҳои техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бояд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шаванд.

15. Ҳангоми ташаккул, таҳия ва мубодилаи маълумот дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо шаклҳои ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки аз ҷониби Оператор дар мувофиқа бо Ҳамоҳангсоз, инчунин бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ муқаррар карда мешаванд, истифода бурда мешаванд.

16. Ҳангоми ташаккул ва мубодилаи маълумот дар низоми иттилоотии рамзгузорӣ имзои электронии рақамӣ истифода бурда мешаванд (агар татбиқпазир бошад).

17. Рушди низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар асоси вазифаи техникӣ ва вазифаҳои алоҳидаи техникии хусусӣ барои рушди низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки аз ҷониби Оператор таҳия шуда, аз ҷониби Ҳамоҳангсоз тасдиқ карда мешавад, амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 5. ТАРТИБИ ТАЪМИНИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТЕ, КИ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО НИГОҲ ДОШТА МЕШАВАНД

18. Дастрасӣ ба иттилооти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳдошташаванда аз ҷониби Оператор дар асоси ғайритабъизӣ ва ройгон таъмин карда мешавад.

19. Дастрасӣ ба иттилооти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳдошташаванда аз ҷониби Оператор бо усулҳои зерин таъмин карда мешаванд:

- дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ дар ҷавоб ба дархости иштиродори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки дар шакли хаттӣ ташаккул ёфтааст;

- дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар ҷавоб ба дархости иштирокдори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки бо истифода аз воситаҳои иттилоотии рамзгузории барномавӣ ташаккул ёфтааст;

- бо татбиқнамоии интерфейсҳои электронӣ ҳангоми амалинамоии ҳамкории мутақобила байни низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ва низоми иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- дар низоми худкоргардонидашуда бо истифодаи воситаҳои барномавию техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ва низоми иттилоотии иштирокдорони муомилоти молҳо мутобиқи созишнома оид ба ҳамкории мутақобилаи иттилоотии байни Оператор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо басташуда, аз ҷумла бо истифода аз утоқи шахсӣ;

- бо роҳи ҷойгирнамоии маълумоти дастраси умум, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуд аст, дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет.

20. Ба иштирокдори муомилоти молҳо дастрасӣ ба маълумоти зерин таъмин карда мешавад:

- маълумот дар бораи аҳдҳо бо молҳои рамзгузоришуда, ки аз ҷониби ин иштирокдори муомилоти мол содир карда шудааст;

- маълумоте, ки ба маълумоти дастраси умум ворид карда мешавад.

21. Маълумоти дастраси умум, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуданд:

- оид ба иштирокдорони муомилоти молҳое, дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба қайд гирифта шудааст ва мавриди ҷойгирнамоӣ дар шабакаи интернет барои дастрасии умум мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад;

- оид ба молҳое, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки онҳо дар бастаи чунин молҳо нишон дода шудаанд, аз ҷумла мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

- дар бораи мавҷудияти маълумот дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо оид ба гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ нисбат ба мол, ба бастаи молҳо ё ягон ҳомили дигари моддӣ, ки барои гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ таъин шудаанд ва ё оид ба мавҷуд набудани чунин маълумот.

22. Ба истеҳсолкунандаи дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бақайдгирифташуда дар баробари маълумоти дар банди 20 Дастурамали мазкур пешбинишуда, инчунин дастрасӣ ба иттилоот оид ба муомилоти молҳо, ки аз ҷониби чунин истеҳсолкунанда таҳия шудааст, дар қисмати маълумот оид ба соҳибмулки мол ва миқдори он дода мешавад.

23. Ба истеъмолкунандагони молҳо дастрасӣ ба маълумоте, ки ба маълумоти дастраси умум ворид карда шудааст, дода мешавад.

24. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳамоҳангсоз бо мақсадҳои фаъолияти аз ҷониби онҳо амалишаванда дастрасӣ ба маълумоти зерин таъмин карда мешавад:

- маълумот дар бораи иштирокдорони муомилоти молҳо, дар бораи молҳо, муомилоти онҳо, ки барои иҷрои вазифаҳо ва амалинамоии функсияҳои ба зиммаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳамоҳангсоз бо мақсадҳои бо Дастурамали мазкур вогузоршуда заруранд;

- маълумоти оморӣ оид ба молҳо ва муомилоти онҳо;

- маълумоте, ки ба маълумоти дастраси умум ворид карда шудаанд;

- маълумоти дигар мутобиқи созишнома оид ба дастрасӣ ба маълумоти аз ҷониби Оператор бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳамоҳангсоз басташуда.

25. Таркиби маълумоте, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуд аст, ки дастрасӣ ба он ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳамоҳангсоз дар созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои мутақобилаи иттилотии байни Оператор бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҳамоҳангсоз баста шудааст, муайян карда мешавад.

## БОБИ 6. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТЕ, КИ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО НИГОҲ ДОШТА МЕШАВАНД ВА ВОРИДНАМОИИ ОН БА МАЪЛУМОТИ ДАСТРАСИ УМУМ

26. Оператор ҳангоми ҷойгирнамоии маълумоти дастраси умум дар шабакаи интернет таъмин менамояд:

- ҷойгирнамоии маълумоти дастарси умум дар сомонаи Оператор дар шабакаи интернет дар мувофиқа бо Ҳамоҳангсози таркиби маълумоти мазкур;

- истифодаи тасниф ва ҷустуҷӯйи банизомдаровардашуда, ки барои таҳлили маълумоти дастраси умум таъин шудаанд, аз ҷумла бо истифодаи функсияи навигатсия.

27. Ҳамоҳангсоз ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сомонаҳои расмии худ дар шабакаи интернет ҷойгирнамоии истинодро ба сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет таъмин менамоянд. Ҳамоҳангсоз ва мақомоти ҳокимияти давлатии зикргардида инчунин метавонанд дар сомонаи расми худ дар шабакаи интернет маълумоти дастраси умумро бевосита аз низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ҷойгир намоянд.

28. Таркиб (хусусият)-и маълумоти дастраси умум, талабот оид ба ҷойгирнамоии давравии он ва муҳлати азнавнамоӣ аз ҷониби Оператор барои молҳо ё гурӯҳи молҳои мушаххас муайян карда мешаванд.

29. Маълумоти дорои дастрасии маҳдуд, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта мешавад, аз ҷониби Оператор ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо дархост оид ба пешниҳоди маълумоти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳдошташаванда пешниҳод карда мешавад (минбаъд-дархост оид ба маълумот).

30. Дархост оид ба маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристода мешавад ва аз ҷониби Оператор дар санаи воридгардӣ бо додани рақами бақайдгирӣ ба қайд гирифта мешавад. Оператор ҳуқуқ дорад шарҳдиҳии мазмуни дархост оид ба маълумоти воридшударо талаб намояд.

31. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дархост оид ба маълумотро дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии рақамии роҳбар (шахси мансабдори ваколатдори дигар) имзо шудааст, фиристода мешавад.

32. Иштирокдорони муомилоти молҳо дархост оид ба маълумотро дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии рақамии роҳбар (шахси мансабдори ваколатдори дигар) имзо шудааст, мефиристонанд. Дар дархост оид ба маълумот рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, суроғаи почтавӣ, рақами телефон ва ё факс, ё суроғаи почтаи электронӣ, насаб, ном ва номи падари (дар ҳолати будан) шахси воқеӣ (барои соҳибкорони инфиродӣ) ва ё номгӯйи ташкилот (барои шахсони ҳуқуқӣ)-и маълумотро дархосткунанда ва рӯйхати маълумоти дархостшуда нишон дода мешавад.

33. Дар дархост оид ба маълумот асос барои ба даст овардани ин маълумот мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯҳдадории фиристонандаи дархост оид ба маълумот ва шартҳо оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ нигоҳ дошта мешаванд.

34. Ҷавоб ба дархост оид ба маълумот мавриди бақайдгирии ҳатмӣ ва фиристодан аз ҷониби Оператор ба иштирокдори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар муҳлати 10 рӯзи корӣ аз санаи бақайдгирии дархост оид ба маълумот қарор мегирад.

35. Ҷавоб ба дархост оид ба маълумот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии рақамии Оператор имзо гузошта шудааст, фиристода мешавад.

36. Ҷавоб ба дархост оид ба маълумот ба иштирокдори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии рақамии Оператор имзо гузошта шудааст, ба утоқи шахсии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо фиристода мешавад. Агар ҳангоми аз ҷониби Оператори фиристодани ҳуҷҷати электронӣ ба утоқи шахсии иштирокдори муомилоти молҳо, маълумот оид ба боздоштани амали утоқи шахсӣ ё қатъгардии истифоданамоии калиди имзои электронии рақамӣ гирифта шавад, ҳуҷҷати мазкур ба иштирокдори муомилоти молҳо ба суроғаи почтаи электронии дар дархост оид ба маълумот нишон додашуда ё дар шакли коғазӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз санаи ба даст овардани маълумоти мазкур фиристода мешавад.

37. Оператор ҳуқуқ дорад ба иштирокдорони низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо пешниҳоди маълумотро, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мавҷуд аст, дар ҳолатҳои зерин рад намояд:

- дархост оид ба маълумот ба талаботи Дастурамали мазкур мутобиқат наменамояд;

- маълумоти дархостшуда дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта намешавад;

- дархост оид ба маълумот аз ҷониби иштирокдори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳое фиристода шудааст, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасиро ба чунин маълумот надорад;

- дархост оид ба маълумот дархости иштирокдори низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳоро, ки ба он қаблан ҷавоб фиристода шуда, маълумоти дархостшударо дар бар мегирад, такрор менамояд.

- аз ҷониби Ҳамоҳангсоз маълумот оид ба вайроннамоии бонизоми қонунгузории андозӣ аз ҷониби шахсе, ки дархостро оид ба маълумот фиристодааст, пешниҳод шудааст.

38. Дар ҳолати раднамоии пешниҳоди маълумот дар ҷавоб ба дархост оид ба маълумот аз ҷониби Оператор асосҳое нишон дода мешавад, ки аз рӯйи он маълумоти дархостшуда наметавонад пешниҳод карда шавад.

39. Дар ҳолате, ки агар маълумоти дар дархост оид ба маълумот нишон додашуда дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шуда бошад, пас аз ҷониби Оператор ҷавоб ба дархост оид ба маълумот истинод ба сомона (суроғаи сомона) дар шабакаи интернет, ки чунин маълумот ҷойгир карда шудааст, нишон дода мешавад.

## БОБИ 7. ТАРТИБИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО БО НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ ИШТИРОКДОРОНИ МУОМИЛОТИ МОЛҲО

40. Дар Дастурамали мазкур таҳти ҳамкории мутақобилаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии дигар бадасторӣ, ҷойгирнамоӣ дар низоми худкоргардонидашуда ва истифодаи маълумоте, ки дар низоми иттилоотии дигар, дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта шудааст, инчунин пешниҳоди маълумот ба дигар низоми иттилоотӣ, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта шудааст, фаҳмда мешавад.

41. Ҳамкории мутақобилаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии рамзгузории мақомоти давлатӣ ва низоми иттилоотии иштирокдорони муомилоти молҳо бо истифода аз хизматрасониҳои электронии иттилоотӣ, бо истифода аз протоколҳо ва интерфейсҳои электронии ҳамкории мутақобила, ки дар сомонаи расмии оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

42. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти техникии ташкилнамоии ҳамкории мутақобилаи иттилоотии зикргардида, байни Оператор ва ҳокимияти давлатӣ созишнома оид ба ҳамкории мутақобилаи иттилоотӣ баста мешавад, ки онҳо муқаррар менамоянд:

- хусусияти ташкили ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла бо истифодаи утоқи шахсӣ;

- таркиби маълумоте, ки ба амалинамоии мубодилаи онҳо ҳангоми ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад;

- шакли пешниҳоди ҳисоботҳо аз низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо.

43. Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ба низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ дар асоси ройгон пайваст карда мешавад.

44. Ҳамкории мутақобилаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад:

- аз рӯйи шаклҳои пешҳниҳоди маълумот барои вориднамоӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, ки аз ҷониби Оператор дар мувофиқа бо Ҳамоҳангсоз тасдиқ карда мешавад;

- дар низоми худкор ё худкоргардонидашуда бе фиристодани дархост оид ба пешниҳоди маълумот;

- бо табиқнамоии имзои электронии рақамӣ (агар татбиқпазир бошад).

45. Низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ ҳамкории мутақобила менамояд, аз ҷумла:

- бо феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

- бо низоми иттилоотии мақомоти гумрук.

46. Ҳангоми ҳамкории мутақобилаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ, маълумот ба иштирокдорони ҳамкории мутақобила дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ ва маълумот, ки бо имзои электронии рақамӣ имзогузорӣ шудааст, пешниҳод карда мешавад (агар татбиқпазир бошад).

47. Шаклҳои ҳуҷҷатҳое, ки дар раванди ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ истифода мешаванд, дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешаванд.

48. Ҳамкории мутақобилаи иттилоотии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо низоми иттилоотии иштирокдорони муомилоти молҳо тавассути хизматрасониҳои электронии иттилоотӣ бо истифодаи протоколҳо ва интерфейсҳои электронии ҳамкории мутақобила амалӣ карда мешавад, ки маълумот дар бораи онҳо аз ҷониби Оператор дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

## БОБИ 8. ҲИМОЯИ МАЪЛУМОТИ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО НИГОҲДОШТАШАВАНДА

49. Ваколати дорандаи маълумоти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳдошташавандаро Оператор дар мувофиқа бо Ҳамоҳангсоз амалӣ менамояд.

50. Маълумоти дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳдошташаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иттилоотонӣ маврид ҳимоя қарор мегирад.

51. Барои таъмини ҳимояи иттилоот дар рафти таъсис, истифода ва хизматрасонии техникии низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ҳимояи иттилоот ҳангоми супориши он тавассути шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ амалӣ карда мешавад;

52. Бо мақсадҳои ҳимояи иттилооте, ки дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо нигоҳ дошта мешавад, Оператор таъмин менамояд:

- пешгирии дастрасии беиҷозат ба иттилоот ё супориши иттилоот ба шахсоне, ки ҳуқуқи дастрасиро ба ин маълумот надоранд;

- ошкорнамоии сари вақтии далелҳои дастрасии беиҷозат ба маълумот;

- огоҳинамоии имконияти оқибатҳои номусоиди вайроннамоии тартиби дастрасӣ ба маълумот;

- роҳ надодан ба таъсиррасонӣ ба воситаҳои техникие, ки дар онҳо низоми иттилоотии рамзгузорӣ ҷойгир карда шудаанд, ки дар натиҷаи он фаъолияти онҳо вайрон мешавад;

- имконияти фавран барқарорнамоии маълумоти тағйирёфта ё дар натиҷаи дастрасии беиҷозат ба он нобудшуда;

- назорати доимии таъмини сатҳи ҳимояшавандагии маълумот;

- татбиқнамоии чораҳои дигари ҳимояи маълумот ҳангоми истифодаи низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 9. ТАРТИБИ ТАШАККУЛИ МАЪЛУМОТ ДАР НИЗОМИ ИТТИЛООТИИ РАМЗГУЗОРИИ ЭЛЕКТРОНИИ МОЛҲО

53. Маълумоти ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо додашаванда дар шакли ҳуҷҷатҳои электронии бо имзои электронии рақамӣ (агар татбиқпазир бошад) имзогузошташуда ташаккул дода шуда, пешниҳод карда мешавад (агар татбиқпазир бошад). Шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ барои пешниҳоди маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби Оператори таҳия ва аз ҷониби Ҳамоҳангсоз тасдиқ карда мешавад, ба истисноии маълумоти дар таркиби ҳуҷҷатҳои фискалӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи техникаи назоратӣ-хазинавӣ пешниҳодшаванда.

54. Шакли ҳуҷҷатҳои электронии дар банди 53 Дастурамали мазкур нишондодашуда аз ҷониби Оператор дар сомонаи расмии Оператор дар шабакаи интернет ҷойгир карда мешавад.

55. Санаи пешниҳоди ҳуҷҷат ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо санае ба ҳисоб меравад, ки дар огоҳинома (расид) оид ба қабули ҳуҷҷат нишон дода шудааст. Далели иҷрои уҳдадориҳо оид ба пешниҳоди маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо бо огоҳинома (расид) оид ба ворид намудани маълумот ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо тасдиқ карда мешавад.

56. Огоҳинома (расид)-и дар банди 55 Дастурамали мазкур пешбинишуда ба таври худкор ба иштирокдори муомилоти молҳои низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми сабти ҳуҷҷатҳо (маълумот) дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ташаккулёфта фиристода мешавад.

Замимаи 2

ба Тартиби рамзгузории электронӣ,

фаъолияти операторони пайгиркунандаи

гардиши молҳо ва раванди назорати

онҳо

# Дастурамал оид ба хусусияти рамзгузории электронии тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба хусусияти рамзгузории электронии тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ (минбаъд-**Дастурамал**) хусусияти рамзгузории электронии маҳсулоти тамоку ва сигаретҳои электрониро бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, тавсифи воситаҳои мушаххаснамоии рақамии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, даврият ва мӯҳлати аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ пешниҳод гардидани маълумот оид ба муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба Оператор муқаррар менамояд.

2. Дар Дастурамали мазкур ихтисорот ва мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ** - маҳсулоти тамоку, ки ба бастаи истеъмолӣ бастабанд шудааст, тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ ва дастгоҳҳои интиқоли дуд;

- **муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ** - ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, гирифтан ва супоридани маҳсулоти тамоку ва сигаретҳои электронӣ, аз ҷумла харид ва фурӯши онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ** - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки резиденти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, маҳсулоти тамоку ва сигарети электрониро ба муомилот медароранд, муомилот менамоянд ва аз муомилот мебароранд, ба истисноии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки маҳсулоти тамоку ва сигарети электрониро барои истифоданамоӣ бо мақсадҳои фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда ба даст меоранд, инчунин онҳое, ки хизматрасониро дар доираи шартномаҳои комиссия ва ё хизматрасониҳои почтавӣ оид ба расонидани маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ҳангоми фурӯши он аз рӯйи намунаҳо ё усулҳои фосилавии фурӯш ё хизматрасониҳои бо он вобастабуда, аз ҷумла хизматрасониҳои логистикӣ, хизматрасониҳои ташкилнамоии биржаҳо ва тиҷорати электронӣ, омоданамоии пешазфурӯши маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, ҷамъоварӣ ва бастабандӣ, ташкили расонидани маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба

истифодабарандагони ниҳоӣ аз номи фурӯшанда бо якҷо қабул намудани воситаҳои пулӣ барои моли додашуда ва пардохти амалишуда, амалӣ менамоянд.

3. Рамзгузории ҳатмии эелктронии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ нисбати ҳамаи намудҳои маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, ки дар бастаҳои истеъмолӣ ва гурӯҳӣ фурӯхта мешаванд, амалӣ карда мешавад. Намуди маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ мутобиқи регламенти техникӣ оид ба маҳсулоти тамоку муайян карда мешавад.

4. Истеҳсолкунандагон ва воридкунандагон, ташкилотҳои савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ:

- бақайдгирии худро дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ менамоянд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба рӯйхати маҳсулоти тамоку ва сигарети электронии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ё истеҳсолшавандаро ворид менамоянд;

- гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро ба бастаҳои истеъмолӣ ва гурӯҳии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, инчунин муттаҳиднамоии маҳсулоти тамоку ва сигарети электрониро таъмин менамоянд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба рамзгузорӣ ва муттаҳиднамоии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ пас аз қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ворид менамоянд;

- аз муомилот баровардани бақияи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронии рамзгузоринашударо бо сабабҳои ба фурӯши онҳо вобастанабуда, пас аз қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, таъмин менамоянд;

- ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро нисбати ҳамаи амалҳо вобаста ба муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ пас аз қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо ворид менамоянгд.

5. Пардохт барои додани рамзҳои рамзгузорӣ, ки барои ташаккули воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ заруранд ва гузоштани онҳо ба бастаҳои истеъмолӣ ва гурӯҳии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, аз ҷониби Оператор аз лаҳзаи додани рамзҳои дахлдор рӯёнида мешавад.

6. Маҳсулоти тамоку ва сигарети электронии бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузоришуда ва аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ аз рамзи рамзгузоришуда табдилдодашуда, ки аз ҷониби Оператор то фурӯш пешниҳод шудаанд, ба таври дахлдор рамзгузоришуда этироф карда мешаванд, агар аз ҷониби Оператор дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумоти аз иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бадастовардашуда оид ба гузошати воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба чунин маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ инъикос карда шавад;

7. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот даровардани маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бе гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба онҳо ва бе додани маълумот оид ба рамзгузории намудҳои зикргардидаи даровардани маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, пас аз ҷоринамоии рамзгузории ҳатмии электронии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ манъ карда мешавад.

8. Фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, ки пас аз ҷоринамоии рамзгузории электронии ҳатмии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд ё дар Тоҷикистон истеҳсол карда шудаанд, танҳо бо шарти додани маълумот оид ба фурӯши чаканаи онҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иҷозат дода мешавад.

9. Фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, ки то ҷоринамоии рамзгузории электронии ҳатмии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд ё дар Тоҷикистон истеҳсол карда шудаанд, дар муҳлати 4 (чор) моҳ пас аз бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иҷозат дода мешавад.

## БОБИ 2. ХУСУСИЯТИ ВОСИТАҲОИ МУШАХХАСНАМОИИ РАҚАМИИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ ВА СИГАРЕТИ ЭЛЕКТРОНӢ, АЗ ҶУМЛА СОХТОР ВА ШАКЛИ РАМЗҲОИ РАМЗГУЗОРӢ

10. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ рамзи рамзгузориро дар бар мегирад, ки он дорои 3 гурӯҳи маълумот мебошад, аз он гурӯҳи якум ва дуюм рамзи мушаххаснамоии бастаи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ, гурӯҳи сеюм бошад рамзи санҷишро ташаккул медиҳанд. Дар баробари ин:

- гурӯҳи якум аз 14 рақам иборат аст ва рамзи молро дар бар мегирад, аз ҷониби Оператор дар асоси маълумоти аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ пешниҳодшуда, муттаҳид мегардад;

- гурӯҳи дуюм аз 7 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рақами инфиродии силсилавии бастаи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва сигарети электрониро дар бар мегирад;

- гурӯҳи сеюм аз 8 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифдои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рамзи санҷишро дар бар мегирад.

11. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ дар шакли QR-рамз (DataMatrix) гузошта мешавад.

12. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи гуруҳии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ рамзи рамзгузориро дар бар мегирад, ки дорои 3 гурӯҳи маълумоти ҳатмӣ мебошад, аз онҳо гурӯҳи якум ва дуюм рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳӣ, гурӯҳи сеюм рамзи санҷишро ташаккул медиҳад, дар баробари он:

- гурӯҳи якум аз 14 рақам иборат буда, рамзи молро дар бар мегирад, ки шакли пешинаи он идентификатори татбиқнамоии (01) ба ҳисоб меравад, бо Оператор дар асоси маълумотҳои аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи дуюм аз 7 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рақами инфиродии силсилавии бастаи гурӯҳиро дар бар мегирад, ки шакли пешнаи он индификатори татбиқнамоии (21) ба ҳисоб меравад ва бо Оператор ё иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ (рамзи ниҳоӣ барои ин гурӯҳи маълумотҳо рамзи тақсимнамоӣ, ки рамзи 29 дар ҷадвали рамзҳои AFCII доро мебошад, ба ҳисоб меравад) муттаҳид мешавад;

- гурӯҳи сеюм аз 8 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рамзи санҷишро, ки шакли қаблии он индификатори татбиқнамоии (93) ба ҳисоб меравад дар бар мегирад ва бо Оператор муттаҳид мешавад.

13. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи гурӯҳии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ дар шакли рамзи шохиси дученака дар шакли дар шакли QR-рамз (GF1 DataMatrix) гузошта мешавад.

14. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳӣ ва тахтахат бо усули ҷудонамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ аз баста ё тахтахат роҳнадиҳанда гузошта мешавад:

- ба бастаи истеъмолӣ воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ дар ҳаҷми на камтар аз 5x5 миллиметр дар минтақаи возеҳи махсусан ҷудошуда, ки дар тарафи поён ва паҳлуии баста ҷойгиршуда гузошта мешавад;

- ба бастаи гурӯҳӣ ва интиқолӣ воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ дар қисми рӯй ё паҳлуии баста гузошта мешавад ва бояд дорои ҳаҷме бошад, ки қулайии иҷрои расмиёти муттаҳиднамоиро таъмин намояд;

- барои бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳӣ модули дорои ҳаҷми на камтар аз 0,25 миллиметр, барои бастаи интиқолӣ-на камтар аз 2 миллиметр татбиқ мегардад;

- татбиқнамоии стикер барои рамзгузории бастаи истеъмолӣ, ки дорои тахтатхат (тахтахати муқобил) мебошад, то ба охир расонидани бақияи тахтахатҳо (тахтахатҳои муқобил) аз ҷониби истеҳсолкунанда, ки бо фармоиши истеҳсолкунанда то санаи ҷоринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ омода шудааст, иҷозат дода мешавад.

15. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, ки ба бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳӣ ё тахтахат гузошта мешаванд, набояд дар пардаи шаффофи печонидашаванда ва ё дар ягон маводи берунаи печонидашаванда часпонида шавад ва бо маълумоти дигаре, ки пӯшонида шавад, ки ба ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ монеа шавад.

16. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд чунон ҷойгир карда шавад, ки он пуррагии маълумоти ба бастаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ гузошташударо мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар самти танзимнамоии техникӣ вайрон накунад.

17. Ба гузоштани тахтахат ба маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ талаботи зерин пешниҳод мешавад:

- барои гузоштани тахтахат дар бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳии маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бояд технологияе истифода шавад, ки ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамии ба тахтахат гузошташударо аз лаҳзаи гузоштани тахтахат то лаҳзаи фурӯши маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба истеъмолкунанда таъмин намояд;

- тахтахат бо роҳи ба бастаи истеъмолӣ ё гурӯҳӣ часпонидани маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ гузошта мешавад, часпонидани тахтахат ба пардаи чизпечонӣ, ки ба бастаи мол аз ҷониби истеҳсолкунандаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ гузошта мешавад, роҳ дода мешавад;

- ба гузоштани ягон ҷузъиёти бастаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ аз болои тахтахат (ба истиснои пардаи шаффофи чизпечонӣ, ки ба бастаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ аз ҷониби истеҳсолкунанда гузошта мешавад), ки болои тахтахатро мепӯшонад ва ё ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро душвор мегардонад, роҳ дода намешавад.

18. Ҳаҷм ва ҷойгиршавии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд имконияти дуруст ҳисобнамоӣ ва шинохташавии рамзҳои рамзгузориро таъмин намояд, аз ҷумла бо терминалҳои ҷамъоварии маълумот бо замимаҳои махсус (мобилӣ), сканерҳои лазерӣ мутобиқи стандартҳои IFO/IEC 15415 "Технологияҳои иттилоотӣ. Технологияи мушаххаснамоии худкор ва ҷамъоварии маълумот. Хусусияти санҷиши аломатҳои рамзи шохис барои арзёбии сифати нашр. Аломатҳои дученака".

19. Табдилдиҳии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии раақамӣ ва гузоштани онҳо ба бастаи истеъмолӣ ва ё ба бастаи гурӯҳӣ ва ё ба тахтахат ва ё ба стикер аз ҷониби истеҳсолкунанда ва воридкунандаи маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ амалӣ карда мешавад.

20. Бо мақсади табдилдиҳии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва гузоштани онҳо аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бояд инҳоро дошта бошад:

1) имзои электронӣ;

2) мамҷуи таҷҳизоти матбуотӣ бо истеҳсолоти барои табдилдиҳӣ ва гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо супориши иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ кофӣ, вале на пасттар аз фармоишҳои мунтазам барои истеҳсоли бастабандҳо, тахтахатҳо ва стикерҳо аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ҷойгиркунанда;

3) маҷмуи дастгоҳи барномавии тақсимнамоӣ, нашр ва эътиборнок эътирофнамоӣ, ки бояд таъмин намояд:

- нигоҳдории ҳимояшудаи рамзҳои рамзгузории иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ;

- ҳимояи роҳи алоқа, ки тавассути он рамзи рамзгузорӣ аз иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба Оператор расонида мешавад;

- расонидани рамзҳои рамзгузорӣ аз иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ ба Оператор;

- табдилдиҳии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ (идоранамоии нашриёт);

- эътиборнок эътирофнамоии дастгоҳӣ (бо истифода аз воситаҳои биноии техникӣ)-и сифати гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ;

- ташаккулёбии ҳисобот оид ба табдилдиҳии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо ташаккулдиҳии модули эътиборнок эътирофнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва додани онҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо;

- риояи қоидаҳои муносибат бо рамзҳои рамзгузорӣ хориҷнамоии рамзи санҷиш пас аз эътиборнок эътироф намудани сифати гузоштан ва ташаккулёбии ҳисобот оид ба истифодаи рамзҳои рамзгузорӣ;

- интихоби рамзҳои рамзгузории муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ аз анборҳои ҳимояшаванда бо нигоҳдории алоҳидаи оперативӣ (дар ҷараёни давраи истеҳсолӣ табдилдиҳии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ)-и рамзҳои рамзгузорӣ ва ҳисобот оид ба гузоштан ва эътиборнок эътироф намудани воситаҳои мушаххаснамоии рақамии иштирокдори гуногуни муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ;

- кафолати ғайримикон будани гузориши такрории рамзҳои рамзгузорӣ пас аз гузоштан ва эътиборнок эътироф намудан.

21. Пас аз гузаштани эътиборнокӣ маҷмуи дастгоҳи барномавии тақсимнамоӣ, нашр ва эътиборнок эътирофнамоӣ ҳисобот оид ба бомуваффақият гузоштани рамзҳои рамзгузории ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ табдилдодашуда ташаккул меёбад.

22. Иштирокдори муомилоти маҳсулоти тамоку ва сигарети электронӣ бояд маводди сертификатсияшударо истифода намояд, ки он талаботи санитарию гигиении регламенти техникиро оид ба бехатарии бастабандҳо қонеъ гардонад.

23. Усули гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд амният (устуворӣ)-и воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро дар тамоми муҳлати коршоямии маҳсулот ҳангоми риоя намудани шартҳои нигоҳдорӣ ва интиқоли аз ҷониби истеҳсолкунанда муқараршуда, таъмин намояд.

Замимаи 3

ба Тартиби рамзгузории электронӣ,

фаъолияти операторони пайгиркунандаи

гардиши молҳо ва раванди назорати

онҳо

# Дастурамал оид ба хусусияти рамзгузории электронии ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нчшокиҳои энергетикӣ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба хусусияти рамзгузории электронии ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ ҳамаи намудҳои спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нчшокиҳои энергетикӣ (минбаъд - **Дастурамал**) хусусияти рамзгузории электронии ҳамаи намудҳои спирт, маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикиро (минбаъд - **маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ**) бо

воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, тавсифи воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, давравӣ ва муҳлати аз ҷониби иштирокдорон муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ пешниҳод гардидани маълумот оид ба муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энеретикӣ ба Оператор муқаррар менамояд.

2. Дар Дастурамали мазкур ихтисорот ва мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **сервис-провайдер** - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие, ки бо супориши иштирокдори муомилоти молҳо мубадалгардии рамзи рамзгузориро ба воситаҳои мушаххаснамоӣ ва гузоштани воситаҳои мушаххаснамоиро ба бастаи истеъмолӣ ва ё бастаи гурӯҳӣ ва ё ба тахтахат ё ба стикер бо истифода аз маҷмуи барномавӣ-дастгоҳи тақсимнамоӣ, нашр ва эътиборнок эътирофнамоии аз ҷониби Оператор пешниҳодшуда, инчунин эътиборнокии воситаҳои мушаххаснамоиро амалӣ менамояд;

- **муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ** - вориднамоӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, гирифтан ва супоридани маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, аз он ҷумла харид ва фурӯши онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ** - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки резиденти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравper, ба муомилотдорорӣ, муомилот менамоянд ва аз муомилотбарории маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикиро амалӣ менамоянд, ба истисноИ шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикиро барои истифоданамоӣ бо мақсадҳои фурӯши минбаъдаи он вобастанабуда ба даст меоранд, инчунин онҳое, ки хизматрасониро дар доираи шартномаҳои комиссия ва ё хизматрасониҳои почтавӣ оид ба расонидани маҳсулоти тамоку ва сигаретҳои электронӣ ҳангоми фурӯши он аз рӯйи намунаҳо ё усулҳои фосилавии фурӯш ё хизматрасониҳои бо он вобастабуда, аз он ҷумла хизматрасониҳои логистикӣ, хизматрасониҳои ташкилнамоии биржаҳо ва тиҷорати электронӣ, омоданамоии пешазфурӯши маҳсулоти тамоку ва сигаретҳои электронӣ, ҷамъоварӣ ва бастабандӣ, ташкили расонидани маҳсулоти тамоку ва сигаретҳои электронӣ ба истифодабарандагони ниҳоӣ аз номи фурӯшанда бо якҷо қабул намудани воситаҳои пулӣ барои моли додашуда ва пардохти амалишуда амалӣ менамоянд.

3. Рамзгузории ҳатмии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ нисбати ҳамаи намудҳои маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, ки дар бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳӣ фурӯха мешаванд, амалӣ карда мешавад. Намуди маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, ки мавриди рамзгузории электронӣ қарор мегирад, мутобиқи регламенти техникии амнияти маҳсулоти машруботӣ муайян карда мешавад.

4. Иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ:

- аз санаи ҷоринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бақайдгирии худро дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо амалӣ менамоянд ва ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба номгуйи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ворид менамоянд;

- пас аз бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро ба бастабанди истеъмолии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ таъмин менамоянд, инчунин ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо маълумотро оид ба рамзгузории маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ворид менамоянд;

- фурӯш (фурӯш дар бахши яклухт)-и бақияи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикии рамзгузоринашуда ва ё аз муомилот баровардани бақияи зикргардидаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бо сабабҳои ба фуруши онҳо вобастанабуда пас аз қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо таъмин менамоянд.

5. Пардохт барои додани рамзҳои рамзгузории барои ташаккулёбии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ зарурӣ ва гузоштани он ба бастаҳои истеъмолӣ ва гурӯҳи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бо сабаби ба фурӯши онҳо вобастанабуда, пас аз қайд дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо.

6. Маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикии бо воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ рамзгузоришуда, ки аз ҷониби иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ аз рамзи рамзгузории аз ҷониби Оператор то фурӯш пешниҳодшуда ташаккул дода шудаанд, ба таври дахлдор рамзгузоришуда эътироф карда мешаванд, ба шарте ки маълумот оид ба гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба чунин маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, ки аз иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ гирифта шудааст, аз ҷониби Оператор ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо инъикос карда шавад.

7. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, аз он ҷумла маҳсулоти пивопазӣ, бе гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба онҳо ва бе додани маълумот оид ба рамзгузорӣ шудани маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикии зикргардида ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо, аз санаи воринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, роҳ дода намешавад.

8. Фурӯши чаканаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, ки пас аз санаи ҷоринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ истеҳсол (ворид) шудаанд, танҳо

бо шарти додани маълумот оид ба фурӯши чаканаи онҳо ба низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иҷозат дода мешавад.

9. Фурӯши чаканаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, ки аз санаи ҷоринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ истеҳсол шудаанд, дар муҳлати 4 (чор) моҳ аз санаи бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии рамзгузории электронии молҳо иҷозат дода мешавад.

## БОБИ 2. ТАВСИФИ ВОСИТАҲОИ МУШАХХАСНАМОИИ РАҚАМИИ МАҲСУЛОТИ МАШРУБОТӢ ВА НУШОКИҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ, АЗ ОН ҶУМЛА СОХТОР ВА ШАКЛИ РАМЗҲОИ РАМЗГУЗОРӢ

10. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи истеъмолии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ рамзи рамзгузориро дар бар мегирад, ки он ба худ 3 гурӯҳи маълумотҳоро доро мебошад, ки аз онҳо гурӯҳи якум ва дуюм рамзи мушаххаснамоии бастаи истеъмолии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, гурӯҳи сеюм бошад, рамзи санҷишро ташаккул медиҳанд. Дар баробари ин:

- гурӯҳи якум аз 14 рақам иборат буда, рамзи молро дар бар мегирад, ки шакли пешинаи он идентификатори татбиқнамоии (01) ба ҳисоб меравад, бо Оператор дар асоси маълумотҳои аз ҷониби иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи дуюм аз 7 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рақами инфиродии силсилавии бастаи истеъмоли маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикиро дар бар мегирад, ки шакли пешнаи он индификатори татбиқнамоии (21) ба ҳисоб меравад ва бо Оператор ё иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ (рамзи ниҳоӣ барои ин гурӯҳи маълумотҳо рамзи тақсимнамоӣ, ки рамзи 29 дар ҷадвали рамзҳои AFCII доро мебошад, ба ҳисоб меравад) муттаҳид мешавад;

- гурӯҳи сеюм аз 4 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рамзи санҷишро, ки шакли қаблии он индификатори татбиқнамоии (93) ба ҳисоб меравад, дар бар мегирад ва бо Оператор муттаҳид мешавад.

11. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи истеъмолии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ дар намуди QRрамз дар шакли GS1 DataMatrix пешниҳод карда мешавад.

12. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи гуруҳии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ рамзи рамзгузориро дар бар мегирад, ки 3 гурӯҳи маълумоти ҳатмиро доро мебошад, аз онҳо гурӯҳи якум ва дуюм рамзи мушаххаснамоии бастаи гурӯҳии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ, гурӯҳи сеюм рамзи санҷишро ташаккул медиҳад, дар баробари он:

- гурӯҳи якум аз 14 рақам иборат буда, рамзи молро дар бар мегирад, ки шакли пешинаи он идентификатори татбиқнамоии (01) ба ҳисоб меравад, бо Оператор дар асоси маълумотҳои аз ҷониби иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ муттаҳид карда мешавад;

- гурӯҳи дуюм аз 13 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифбои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рақами инфиродии силсилавии бастаи гурӯҳии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикиро дар бар мегирад, ки шакли пешнаи он индификатори татбиқнамоии (21) ба ҳисоб меравад ва бо Оператор ё иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ (рамзи ниҳоӣ барои ин гурӯҳи маълумотҳо рамзи тақсимнамоӣ, ки рамзи 29 дар ҷадвали рамзҳои AFCII доро мебошад, ба ҳисоб меравад) муттаҳид мешавад;

- гурӯҳи сеюм аз 4 рамз (рақамҳо, ҳарфҳои хурд ва калони алифдои лотинӣ, инчунин рамзҳои махсус) иборат аст ва рамзи санҷишро, ки шакли қаблии он индификатори татбиқнамоии (93) ба ҳисоб меравад дар бар мегирад ва бо Оператор муттаҳид мешавад.

13. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамии бастаи истеъмолии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ дар намуди QRрамз дар шакли GF1 DataMatrix пешниҳод карда мешавад.

14. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ба бастаи истеъмолӣ ва гурӯҳӣ ва ё бастаи гурӯҳӣ ва ё тахтахат ва ё стикер бо усули ҷудонамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ аз бастаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ роҳнадиҳанда гузошта мешавад:

- ба бастаи истеъмолӣ воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ дар ҳаҷми на камтар аз 14х14 миллиметр дар минтақаи возеҳи махсусан ҷудошуда, ки дар тахтахат (тахтахати муқобил) ҷойгир шудааст ё стикер, гузошта мешавад;

- ба бастаи гурӯҳӣ ва интиқолӣ воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ дар қисми рӯй ё паҳлуии баста гузошта мешавад ва бояд дорои ҳаҷме бошад, ки қулайии иҷрои расмиёти муттаҳиднамоиро таъмин намояд;

- барои бастаҳои истеъмолӣ ва гурӯҳӣ модул бо ҳаҷми на камтар аз 0,35 миллиметр, барои бастаи интиқолӣ - на камтар 2 миллиметр татбиқ мегардад;

- татбиқнамоии стикер барои рамзгузории бастаи истеъмолӣ, ки дорои тахтахат (тахтахати муқобил) мебошад, то ба анҷом расонидани бақияи тахтахат (муқобили тахтахат) аз ҷониби истеҳсолкунанда, ки бо фармоиши истеҳсолкунанда то санаи ҷоринамоии рамзгузории электронии маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ омода шудааст, роҳ дода мешавад;

- нисбати маҳсулоти воридотӣ бошад, воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд ба стикер, ки барои рамзгузории молҳо бо забони давлатӣ таъин шудааст, гузошта мешавад.

15. Воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ, ки ба бастаи истеъмолӣ ва ё бастаи гурӯҳӣ, ё тахтахат ва стикер гузошта мешавад, набояд дар пардаи чизпечонии шаффоф ё ягон маводи берунаи дигар часпонида шавад ва бо маълумоти дигаре, ки ба ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ монеа мешаванд, пӯшонида шавад.

16. Воситаи мушаххаснамоии рақамӣ бояд чунон ҷойгир карда шавад, ки он пуррагии маълумотро, ки ба бастаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар самти танзими техникӣ гузошта шудааст, вайрон накунад.

17. Ба гузоштани тахтахатҳо (муқобили тахтахатҳо) ва ё стикер ба маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ талаботи зерин пешниҳод карда мешаванд:

- барои гузоштани тахтахатҳо (муқобили тахтахатҳо) дар бастаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бояд технологияе истифода шавад, ки ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро аз лаҳзаи гузоштан то лаҳзаи фурӯши маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ба истеъмолкунанда таъмин намояд;

- тахтахатҳо (муқобили тахтахатҳо) ва ё стикер бо роҳи бевосита ба бастаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ часпонидан гузошта мешавад;

- ба гузоштани ягон ҷузъиёти бастаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ аз болои тахтахат ва ё стикер, ки болои тахтахатро мепӯшонад ва ё ҳисобнамоии воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро душвор мегардонад, роҳ дода намешавад;

- ҳаҷм ва ҷойгиршавии воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд имконияти дуруст ҳисобнамоӣ ва шинохташавии рамзҳои рамзгузориро таъмин намояд, аз он ҷумла бо терминалҳои ҷамъоварии маълумот бо замимаҳои махсус (мобилӣ), сканерҳои лазерӣ мутобиқи стандартҳои IFO/IEC 15415 "Технологияҳои иттилоотӣ. Технологияи мушаххаснамоии худкор ва ҷамъоварии маълумот. Хусусияти санҷиши аломатҳои рамзи шохис барои арзёбии сифати нашр. Аломатҳои дученака".

18. Мубаддалгардии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва гузоштани онҳо ба бастаи истеъмолӣ ва ё бастаи гурӯҳӣ ва ё тахтахат ва ё стикер аз ҷониби истеҳсолкунанда ва воридкунандаи маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ва ё сервис-провайдер амалӣ карда мешавад.

19. Бо мақсадҳои мубаддалнамоии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва гузоштани он аз ҷониби сервис-провайдер бояд дошта бошанд:

1) имзои электронии рақамӣ;

2) маҷмуи таҷҳизоти полиграфӣ бо ҳосилнокии барои мубадалнамоӣ кофӣ ва гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бо супориши иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ва на пасттар аз фармоишҳои мунтазам дар истеҳсолоти баста, тахатахат ва стикери аз ҷониби иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ҷойгиршаванда;

3) маҷмуи барномавӣ-дастгоҳи тақсимнамоӣ, нашр ва эътиборнок эътирофнамоӣ, ки таъмин менамояд:

- нигоҳдории ҳимояшавандаи рамзҳои рамзгузории иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ;

- ҳимояи роҳи тамосе, ки бо он рамзҳои рамзгузорӣ аз иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ба Оператор расонида мешавад;

- расонидани рамзҳои рамзгузорӣ аз иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ ба Оператор;

- мубадалгардии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ (идоранамоии нашр);

- эътирофи эътиборнокии дастгоҳӣ (бо истифодаи воситаҳои аёнияти техникӣ)-и сифати гузориши воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ;

- ташаккулёбӣ бо модули эътирофи эътиборнокии воситаҳои мушаххаснамоии рақамии ҳисоботҳо оид ба азнавташкилёбии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ ва додани онҳо ба низоми иттилоотии рамзгузорӣ;

- риояи қоидаҳои муносибат бо рамзҳои рамзгузорӣ (хориҷнамоии рамзи санҷиш пас аз эътиборнок эътироф намудани сифати гузориш ва ташаккулёбии ҳисобот оид ба истифодаи рамзҳои рамзгузорӣ; интихоби рамзҳои рамзгузории иштирокдорони муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ аз анбори ҳимояшуда бо нигоҳдории алоҳидаи оперативӣ (дар раванди давраи истеҳсолӣ мубадалгардии рамзҳои рамзгузорӣ ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ)-и рамзҳои рамзгузорӣ ва ҳисоботҳо оид ба гузориш ва эътиборнок эътироф намудани воситаҳои мушаххаснамоии иштирокдорони гуногуни муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ; кафолати ғайриимкон будани гузориши такрории рамзҳои рамзгузорӣ пас аз гузориши онҳо ва эътиборнок эътироф намудани онҳо).

20. Пас аз гузаштани эътирофнамоии эътиборнокӣ маҷмуи барномавӣ-дастгоҳи тақсимнамоӣ, нашр ва эътиборнок эътирофнамоӣ ҳисобот оид ба гузориши бомуваффақияти рамзгузории ба воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ табдилёфта ташаккул меёбад.

21. Иштирокдори муомилоти маҳсулоти машруботӣ ва нӯшокиҳои энергетикӣ бояд маводҳои сертификатсияшудаеро истифода намоянд, ки онҳо талаботи санитарӣ-гигиении регламенти техникиро оид ба бехатарии бастабандҳо қонеъ намоянд.

22. Усули гузоштани воситаҳои мушаххаснамоии рақамӣ бояд амният (устуворӣ)-и воситаҳои мушаххаснамоии рақамиро дар муҳлати тамоми коршоямӣ ҳангоми риояи шартҳои нигоҳдорӣ ва интиқоли аз ҷониби истеҳсолкунанда муқарраршуда таъмин намоянд.